ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»

ТДУ 001(092) + 52 (575.3)
ТКБ 71: 22. 6 (2 тоҷик)
Р - 43

Бо ҳуқуқи дастнавис

РАҲМАТОВА РАҲИЁНГУЛ БАДАРҒАЕВНА

САҲМИ АКАДЕМИК П. Б. БОБОҶОНОВ ДАР РУШДИ ИЛМИ СИТОРАШИНОСИИ ТОҶИКИСТОН

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1 Таърихи илм (6.1.7 Таърихи илм ва техника)

Кӯлоб - 2026

Диссертатсия дар кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст

Роҳбари илмӣ: **Бобоев Хаёл Юлдошович** – доктори илмҳои таърих, сарходими илмии шуъбаи таърихи илм ва техникаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ

Муқарризони расмӣ: **Комилӣ Абдулҳай Шарифзода** - Доктори илмҳои физикаю математика профессори кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Исмоилов Ёдгор Ҳафизович - Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия санаи **22 декабри соли 2026 соати 13^{00}** дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА – 129 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.institute–history.tj) шинос шудан мумкин аст.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.institute–history.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» _____соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих **Қобилова Б. Т.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Илм ҳамчун соҳаи махсуси фаъолияти ҷаъмиятӣ дар ташаккул ва рушди ҷомеа, пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва техникию технологӣ нақши муҳим дошта, омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди илм яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, омӯзиши фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва ташкилотчигии олимони намоён барои муайян намудани саҳми онҳо дар ташаккули мактабҳои илмӣ, рушди самтҳои алоҳидаи илм, омодасозии кадрҳои илмӣ ва таҳкими иқтидори илмии мамлакат аҳаммияти муҳим дорад.

Мавриди таҳқиқ қарор додани мероси илмии олимони ватанӣ имкон медиҳад, ки равандҳои ташаккул ва рушди соҳаҳои алоҳидаи илм, фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин нақши шахсиятҳои илмӣ дар рушди илми миллӣ муайян карда шаванд. Аз ин рӯ, омӯзиши фаъолияти олимони намоёни Тоҷикистон ва муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар таърихи илми ватанӣ яке аз масъалаҳои муҳими таърихи илм ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронии хеш бо аҳли илм ва маорифи кишвар қайд карданд, ки “Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон илмро яке аз омилҳои асосии рушди кишвар ва олимонро захираи бузурги зеҳнии ҷомеа дониста, ба мақсади пешрафти ҳамаҷонибаи он ва беҳтар гардонидани шароити иҷтимоии кормандони соҳаи илм ҳамаи имкониятҳоро муҳайё намудааст. Зеро дар ҷаҳони муосир танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро ҳифз карда, рушд ёбанд, ки шаҳрвандонашон дорои сатҳи баланди саводнокӣ ва маърифату фарҳанг, илмдӯсту донишманд ва соҳибҳунар бошанд ” [17]

Дар таърихи илмҳои табиӣ – риёзии Тоҷикистон як қатор олимоне фаъолият намудаанд, ки дар ташаккул ва рушди соҳаҳои физика, математика ва астрономия саҳми назаррас гузоштаанд. Дар байни онҳо академик Пӯлод Бобоҷонович Бобоҷонов ҳамчун яке аз намояндагони намоёни астрономия ва астрофизикаи тоҷик ҷойгоҳи махсус дорад. Фаъолияти илмии ӯ ба омӯзиши кометаҳо, астроидҳо, сайёраҳои хурди системаи Офтобӣ, нурафкании кометаҳо ва дигар масъалаҳои астрономӣ равона гардида, фаъолияти омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва илмии ӯ бо омодасозии мутахассисон ва рушди иқтидори илмии ҷумҳурӣ алоқаманд мебошад.

Аҳаммияти омӯзиши ҳайёт ва фаъолияти П. Б. Бобоҷонов ба зарурати муайян намудани нақши ӯ дар ташаккул ва рушди астрономия ва астрофизикаи Тоҷикистон, фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ ва густариши ҳамкориҳои илмӣ дар Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ вобаста мебошад. Фаъолияти илмӣ ва ҷамъиятии ӯ дар давраҳои гуногуни рушди илм дар Тоҷикистон сурат гирифта, омӯзиши марҳилавии он барои муайян намудани тағйироти самтҳои таҳқиқоти астрономӣ ва нақши муассисаҳои илмӣ дар рушди ин соҳа аҳаммияти илмӣ дорад.

Мавриди омӯзиши махсус қарор додани фаъолияти П. Б. Бобоҷонов ҳамчунин аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки саҳми ӯ дар рушди астрономия ва астрофизика, ташаккули заминаҳои илмии таҳқиқоти кайҳонӣ, фаъолияти Институти астрофизика, омодасозии кадрҳои илмӣ ва рушди робитаҳои илмӣ то ҳол ба таври мукаммал ва низомманд ҳамчун объекти таҳқиқоти таърихию илмшиносӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти ӯ барои пурра намудани саҳифаҳоитаърихи илмҳои табиӣ - риёзӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи астрономияи тоҷик дар низоми таҳқиқоти илмии давраи мазкур аҳаммияти махсус дорад.

Мавқеи илмӣ ва аҳаммияти фаъолияти П. Б. Бобоҷоновро дар рушди илмҳои астрономия, физика ва математика инчунин таваҷҷуҳи олимон ва муҳаққиқон ба мероси илмии ӯ тасдиқ менамояд. Дар адабиёти илмӣ саҳмгузории ӯ дар рушди астрономия ва астрофизикаи Тоҷикистон қайд гардида бошад ҳам, таҳқиқоти фарогири ҳаёт, фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва ҷамъиятии ӯ, ки тамоми марҳилаҳои асосии фаъолияти илмии олимро дар бар гирад, то ҳол ба таври низомманд анҷом дода нашудааст.

Мубрам будани мавзуи илмӣ ва зарурати таҳқиқи масъалаҳои маскурро ҳолатҳои зерин муайян менамоянд:

Якум, Пӯлод Бобоҷонов таҳқиқотчӣ, арбоби давлатию ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар раванди фаъолияти илмиаш асарҳои илмии бузург, ихтирооти сатҳи ҷаҳонӣ ва дигар навовариҳои илмие, ки дар тамоми ҷаҳон татбиқоти худро ёфтаанд ва боиси рушди техника гардидааст, аз худ мерос гузошт. Ӯ аз зумраи олимоне маҳсуб меёфт,ки дар рушди илми астрономия ва кайҳоншиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаммалсозии марказҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва таъсиси шуъбаҳои нави илмӣ корҳои назаррас анҷом додааст. Ҳамзамон, ӯ дар омода намудани мутахассисони илмӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он яке аз пешсафон маҳсуб меёфт. Бинобар ин, ба риштаи пажӯҳиш кашидани ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятию касбии вай тақозои замон мебошад, ки дигар паҳлуҳои фаъолияти номаълуми Пӯлод Бобоҷонов муайян ва мавриди истифодаи омма қарор дода шавад. Доир ба фаъолияти ҷамъиятӣ, илмӣ – таҳқиқотӣ ва педагогии Пӯлод Бобоҷонов аз ҷониби пайвандон, ҳамкасбон ва дигар ҷамъияти илмии хориҷиву ватанӣ фишурдаву мақолаҳои илмӣ нашр гардида бошанд ҳам, лекин тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ӯро фарогир намебошад.

Дуюм, Пӯлод Бобоҷонов дар даврони Шуравӣ таваллуд шуда, ҳаёти касбиаш аз ҳамин марҳилаи созандагию бунёдкории Тоҷикистони советӣ оғоз гардида. Ба рушди таҳсилоти астрономия ва илми кайҳоншиносии Тоҷикистон мусоидат мекунад, ҳарчанд таҳияи китобҳои дарсии астрономияи тоҷикӣ ба ӯ рабт дошта бошад ҳам, саҳми он дар рушди астрономияи ҷаҳонӣ низ бориз арзёбӣ карда мешавад.

Сеюм, давраи фаъолияти пурсамари илмию ҷамъиятии ӯ ба солҳои роҳбарӣ дар Институти Астрофизикаи Академияи илмҳои ҶШС

Тоҷикистон пайвандии қавӣ дорад. Дар ин марҳила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои илм ва таҳсилот ба пешравиҳои муҳими назаррас ноил гардиданд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми баррасии марҳилаҳои муҳими ҳаёт ва фаъолити илмии ӯ, бояд нақши муассир ва арзандаи олимро дар пешбурди таҳсилоти олӣ ва илм, бунёд ва такмилу таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои илмию таълимӣ, бахусус, Институти астрофизикаи назди АМИТ ба таври возеҳ нишон дод.

Чорум, Пӯлод Бобоҷонов, асосан ба омӯзиши падидаҳои кайҳонӣ, ки асоси онро илмҳои физика, математика ва астрономия ташкил медиҳад ҳаёти худро бахшида, дар ин самт мактаби бузурги илмии худро созмон дод. Осори илмии ӯ, ки ҳам дар давраи Шуравӣ ва ҳам дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба нашр расидаанд, дорои арзиши баланди илмӣ ва аҳаммияти муҳими амалӣ мебошад. Тӯшаи гаронбаҳои илмие, ки Пӯлод Бобоҷонов дар тӯли фаъолияти илмиаш мерос мондааст, ҷиҳати таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои амалию назариявӣ дар раванди бунёди давлати миллӣ, рушд ва пешрафти илмҳои бунёдӣ ва таҳкими таҳсилоти олии ватанӣ заминаи муфиду мусоид маҳсуб меёбад.

Панҷум, аҳаммияти омӯзиши фаъолияти Пӯлод Бобоҷонов пеш аз ҳама дар арзиши илмӣ - назариявӣ ва аҳаммияти амалии фаъолияти ӯ барои таҳқиқи таърихи рушди астрономия зоҳир меёбад. Асоси методологии таҳқиқотро маҷмӯйи усулҳое ташкил медиҳанд, ки барои муайян ва бозсозӣ намудани марҳилаҳои муҳими ташаккули шахсият, фаъолияти роҳбарӣ ва нақши ӯ ҳамчун олими соҳибтаҷриба, дурандеш, инсондӯст ва созандаи низоми илмии Пӯлод Бобоҷонов мусоидат менамояд.

Дар робита ба ин, муҳим будани интихоби мавзуи маскур ба талаботи иҷтимоии ҷомеа алоқаманди дошта, афзалият мешуморем, ки ба таърих ворид шуда, омӯзиши заминаҳои ибтидоии илми ватаниро аз нигоҳи олим, муҳаққиқ ва ташкилотчии ҷамъиятӣ Пӯлод Бобоҷонов муайян намуда, барои истифодаи наслҳои баъдӣ тавсия намоем.

Дар баробари ин, масъалаи таҳияи усулҳо ва технологияҳои муосири илмӣ, ба инобат гирифтани равандҳои навин ва самтҳои афзалиятноки рушди илм ва таҳсилот дар шароити имрӯза низ аз омилҳои муҳими интихоби мавзуи таҳқиқот ба шумор меравад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Гарчанде ки баъзе паҳлуҳои зиндагӣ ва фаълияти академик П. Б. Бобоҷонов дар асарҳои ҳамзамонон, ҳамсафон ва шогирдон инъикос шуда бошад ҳам, то имрӯз рӯзгор, фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ ва ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов инъикос гардидаанд.

Дар бораи Пӯлод Бобоҷонов олимони зиёд, аз ҷулма Н. Т. Ҳоҷазода, У. Мирсаидов, Д. Почоҷонов, Ф. Тоҳиров, К. Олимов, М. Бобохонов, А. Орифов, О. Олимов, М. Абдураҳмонова, Н. Абдуллоев, Х. Расулӣ, Г. Қоҳирова ва дигарон ёддоштҳои худро навишта ба табъ расонидаанд.

Фаъолияти илмӣ ва ҷамъиятии Пӯлод Бобоҷонов дар Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ намунаи ҳамкории илмӣ ва

фарҳангии халқҳои бародар дар роҳи рушди илм ва фарҳанг ба ҳисоб меравад. Фаъолияти асосии П. Б. Бобоҷонов бо ташаккул ва рушди муҳити илмӣ, маърифати ҷамъиятӣ ва таҳқиқоти илмӣ дар Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ робитаи зич дошта, ба таҳкими ҳамкориҳои илмӣ ва рушди самтҳои астрономия ва кайҳоншиносӣ мусоидат кардааст.

П. Б. Бобоҷонов ба иҷрои корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ машғул гардида, ҳамзамон ҳамчун олими барҷаста, омӯзгор ва шахси самимӣ боқӣ монд. Вай ба насли аввалини олимони Осиёи Миёна, ки ба души онҳо бунёди пойдевори рушди илм ва низоми таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон вогузор шуда буд, дохил мешуд. Қобилиятҳои бузурги П. Б. Бобоҷонов ҳамчун олим бо қобилиятҳои ғайриоддии ташкилкунандаи илм ҳамоҳанг буданд. Фаъолияти пурсамари зиёди П. Б. Бобоҷонов дар маснади ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) (1971 - 1982) ва саҳми бузурги ӯ дар рушди илми астрономия дар ҷуҳурии мо маҳсуб меёбанд. Бо иштироки бевосита ва зери назари П. Б. Бобоҷонов як қатор нашрияҳои илмии Академияи илмҳо нашр карда шуданд. Вобаста ба ин, мо адабиёти марбут ба мавзуи маскур ва ҳамзамон ҳангоми таҳқиқ истифодашударо метавонем ба гурӯҳҳои зерин тақсим намоем:

Ба гурӯҳи якум осори илмӣ, мақолаю маърӯзаҳои Пӯлод Бобоҷоновро, ки ҷиҳати омӯзиши таърих,масоили астрономия ва илми Тоҷикистон, ки сарчашмаи арзишманд маҳсуб меёбанд, дохил кардан мумкин аст. Асарҳои илмии интишоргардидаи академик Пӯлод Бобоҷонов, назарияю идеяҳои муҳими таҳқиқотҳои ӯро бобати масъалаҳои омода намудани мутахассисони баландтахассус, ҳамзамон таҳсиси шуъбаю марказҳои илмӣ ва ташаккули илмҳои астрономӣ иникос менамояд. Нақши бузурги ӯ дар рушди илмҳои ватанӣ, аз ҷумла: астрономия, физика, математика ҳамзамон, навгониҳои илмӣ дар бахши илмҳои астрономӣ, ки Пӯлод Бобоҷоновро на танҳо дар ҷӯмҳурӣ балки дар арсаи ҷаҳонӣ машҳур гардонид, маълум менамояд.

Ба гургӯҳи дуюм, мақолаҳои Пӯлод Бобоҷонов, ки характери илмӣ – оммавӣ дошта, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд ва ба таҳқиқоти илмии дар Тоҷикистон ва хориҷа баанҷом расида бахшида шудаанд, ташкил додааст. Интишороти илмии ӯ таҷассумгари истеъдоди волои ӯ дар бахши астрономия ва ситорашиносӣ, тарғиботгари соҳаи илм миёни ҷавонон ва таҳкиму тақвияти баззаҳои модию таълимии мамлакат мебошад.

Ба гурӯҳи сеюм ҳуҷҷатҳо аз бойгонии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бойгонии хусусии Пӯлод Бобоҷонов, бойгонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бойгонии Институти астрофизикаи назди АМИТ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба фаъолияти кори олим алоқмандӣ дорад, дохил мешаванд. Ин маълумотҳо бобати амиқу дақиқ кардани тарҷумаи ҳол, ҳаёту фаъолияти олим, муайян намудани нозукиҳои ташаккулёбии ӯ ҳамчун шахсият ва муҳаққиқ ба мо кӯмак расонид.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори кафедраҳои физикаи умумӣ ва назариявӣ ва методикаи таълими физика ва технологияи материалҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Бо назардошти мубрамияти мавзуъ ва дараҷаи омӯзиши он, нишони кори илмии анҷомшуда, ҷиҳати омӯзиш ба танзим даровардан ва дар як шакл ҷамоварию ҷамъбаст кадани натиҷаҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, педагогӣ, роҳбарӣ ва рушду ташаккули таҳсилоти мамлакат ва мероси илмии ӯ мебошад. Баҳри ноил гаштан ба ин ҳадаф, пеш аз ҳама ҳалли вазифаҳои зерин пеш гузошта шуданд:

- таҳлили вазъи пажӯҳиш ва базаи маълумотҳо;
- натиҷагирии сафҳаҳои муайяни ҳаёти ӯ ва ба риштаи илм ворид кардани самтҳои номуайяни зиндагии Пӯлод Бобҷонов;
- коркарди даврабандии ҳаёт ва мероси эҷодии ӯ;
- таҳқиқи зинаҳои ташаккулёбӣ, ташкилотчигӣ ва роҳбарии академик Пӯлод Бобоҷонов;
- муайян кардани нақши Пӯлод Бобоҷонов дар рушди таҳсилот ва илми ватанӣ;
- омӯзиш ва таҳлили бахшҳои асосӣ ва муҳими таҳқиқотҳои илмии Пӯлод Бобоҷонов;
- ошкор намудани фаъолияти ҷамъиятӣ – илмии П. Б. Бобоҷонов.

Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро мероси илмӣ, самтҳои фаъолияти назариявӣ, амалӣ ва ҳаёти П. Б. Бобоҷонов дар рушд ва таҳкими пойгоҳи илмӣ – таҳқиқотии илми академӣ маҳсуб меёбанд.

Мавзуъ (предмет) – и таҳқиқот марҳилаҳои ташаккул ва рушди фаъолияти педагогӣ, илмӣ, идоракунӣ ва ҷамъятию сиёсии Пӯлод Бобоҷоновро дар вазифаҳои роҳбарикунанда дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва илм дар бар мегирад.

Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот. Марҳалаи таҳқиқот солҳои 2022 - 2025 - ро дар бар гирифта, ба давраи таҳсил дар зинаи унвонҷӯй рост меояд. Дар ин марҳала интихоби мавзуи диссертатсионӣ ва роҳбари илмӣ, таҳияи нақшаи инфиродии кор, ҷамъоварӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои бойгонӣ, адабиёти илмӣ ва маводи матбуоти даврӣ, таҳлил ва низоммандии маълумоти гирдовардашуда, навиштани матни диссертатсия, интишори мақолаҳои илмӣ аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ амалӣ гардид.

Макони асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Доираи хронологиии таҳқиқот солҳои 1950–2021-ро дар бар гирифта, марҳилаҳои асосии фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва ҷамъиятии академик Пӯлод Бобоҷоновро фаро мегирад. Сарҳади поёнии хронологӣ ба оғози фаъолияти касбӣ ва илмии ӯ дар Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ва сарҳади болоӣ ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад.

Аз нигоҳи хронологӣ таҳқиқот ду марҳилаи асосиро дар бар мегирад:

– марҳилаи якум – фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва ҷамъиятии П. Б. Бобоҷонов дар Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1950–1991);

– марҳилаи дуюм – фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва ҷамъиятии ӯ дар давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991–2021).

Ҳамзамон, бо мақсади омӯзиши ҳамаҷониба ва воқеъбинонаи роҳи зиндагӣ, мероси илмӣ ва фаъолияти эҷодии академик П. Б. Бобоҷонов, дар баъзе мавридҳо рӯйдодҳо ва равандҳое низ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки аз доираи хронологии муайяншуда берун буда, бо мавзӯи таҳқиқот робитаи бевосита доранд.

Асосҳои назарявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба принсипҳои умумиилмии саҳеҳияти таърихӣ, воқеият, муттасалият ва маърифати илмии раванди таърихӣ такя мекунанд. Заминаи методологии таҳқиқотро усули таърихи ташкил дода, истифодаи он омӯзиши ҳамаҷониба ва пайдарпайи фаъолияти илмии академик П. Б. Бобоҷоновро дар заминаи шароити таърихӣ пешбинӣ менамояд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои таърихии умумиилмӣ, инчунин усулҳои маъхазшиносӣ ва таърихнигорӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон, бо мақсади таҳлили марҳилаҳои асосии фаъолияти илмӣ ва ташаккули шахсияти академик П. Б. Бобоҷонов аз усули шарҳиҳолӣ низ васеъ истифода гардида, ба тавсифи пайдарпай ва таҳлили воқеаҳои таърихӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки бори нахуст саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди илми ситорашиносӣ дар заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳаёт ва фаъолияти илмӣ, педагогӣ, роҳбарӣ ва ҷамъиятию сиёсии ӯ мавриди таҳқиқи мукаммал қарор гирифтааст. Дар ин замина, марҳилаҳои асосии ташаккули шахсияти илмии академик, фаъолияти ӯ дар самти рушди илму маориф, омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ - педагогӣ ва густариши таҳқиқоти астрономӣ дар Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Дар ин асно, навгонии илмии рисола дар бандҳои зерин инъикоси худро пайдо намудаанд:

- бори аввал дар таърихшиносии ватанӣ, паҳлуҳои гуногунтҷанбаи рӯзгор ва ҳаёту фаъолияти илмӣ – ҷамъиятии Пӯлод Бобоҷонов ба таври умумӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст;

- фаъолияти роҳбарӣ ва ташкилотчигии ҷамъиятию илмии Пӯлод Бобоҷонов маълум шуда, самтҳои муҳиму асосии ӯ ҳамчун шахсият ба таври умумӣ тавзеҳ карда шудааст;

- асарҳои илмии ӯ, ки ба самти омӯзиши ҷирмҳои осмонӣ, аз ҷумла: кометаҳо, галаситораҳо ва дигар объектҳои кайҳонӣ алоқамандӣ доранд, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор ёфтанд.

- дар таҳияи дисертатсия маҷмуи маълумотҳо, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва дигар маводи сарчашмавие истифода гардидаанд, ки як қисми онҳо бори аввал ба доираи таҳқиқоти илмӣ ворид карда мешаванд;

- интишороте, ки саҳми Пӯлод Бобоҷоновро дар ташаккули таҳсилоти мамлакат, омода намудани мутахассисони дорои дараҷа ва унвони илмидошта, тақвият бахшидан ба рушди марказҳои илмӣ ва таҳкими базаҳои техникӣ алоқамандӣ дорад, ба синфҳо ҷудо карда шудааст;

- исбот гардидааст, ки натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои Пӯлод Бобоҷонов ҷиҳати мукаммалгардонии усулҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ дар соҳаи астрономия, техника ва илм мубрамияти худро дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон низ гум намекунанд.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- муайян карда шудааст,ки олими барҷаста, физик, ситорашинос, табиатшинос ва академики АМИТ П. Б. Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди илмҳои физика, математика ва астрономия, инчунин дар рушди таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ва минтақа саҳми арзишманд гузоштааст ва самти фаъолияти илмӣ ва ташкилии ӯ ба омӯзиши масъалаҳои калидии астрономия ва кайҳоншиносӣ, муайян ва рушди самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, инчунин таҳкими иқтидори илмӣ - таҳқиқотии Институти астрофизикаи АМИТ равона гардидааст.

- муқаррар кардашудааст, ки Пӯлод Бобоҷонов фаъолияти илмии худро дар соҳаҳои физика, математика ва астрономия оғоз намуда, дар Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи милии Тоҷикистон) ва Институти астрофизикаи АМИТ ба камол расида, дар ташаккул, рушди муҳити илмӣ ва мактаби астрономии Тоҷикистон нақши назаррас гузоштааст.

- асоснок карда шудааст, ки самтҳои асосии таҳқиқоти илмии Пӯлод Бобоҷонов ба омӯзиши табиати кометаҳо, метеорҳо, астероидҳо, сайёраҳои хурди манзумаи Офтобӣ, нурафкании метеорҳо ва дигар масъалаҳои астрономӣ равона гардида, натиҷаҳои бадастовардаи ӯ дар рушди самтҳои алоҳидаи астрономия ва кайҳоншиносӣ дар Тоҷикистон аҳаммияти илмӣ доштаанд.

- ошкор гардидааст, ки фаъолияти Пӯлод Бобоҷонов бо таҳқиқоти илмӣ маҳдуд нагардида, масъалаҳои омодасозӣ ва тарбияи мутахассисони баландихтисос, фаъолияти омӯзгорӣ ва роҳбарии илмиро низ фаро гирифтааст.Таҳти роҳбарӣ ва иштироки ӯ конференсияҳо, ҳамоишҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ баргузор гардида, барои рушди муҳити илмӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таҳқиқи минбаъдаи таърихи илми Тоҷикистон, хондани курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, коркарди дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ – методӣ истифода кард. Маводҳо ва хулосаҳои диссертатсия, бахусус, оид ба масоили рушди илми астрономияи Тоҷикистон, фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, инчунин, оид ба дигар масоили мубрами таърихи илм ва техникаро ҷиҳати рушди ҷаҳонбинии миллии халқи тоҷик, дар тарбияи зеҳнӣ ва ватандӯстии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол истифода бурдан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро истифодаи маҷмуи сарчашмаҳои илмӣ, таърихӣ ва бойгонӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, маводи оморӣ ва матбуоти даврӣ таъмин менамояд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот инчунин ба истифодаи усулҳои муқоисавӣ – таърихӣ, хронологӣ, таҳлил ва таркиб, системавӣ ва оморӣ, инчунин ба муқоисаи маълумоти сарчашмаҳои гуногун асос меёбад. Натиҷаҳои бадастомада дар асоси таҳлили воқеаҳо, равандҳо ва фаъолити илмии П. Б. Бобоҷонов мавриди санҷиш ва муқоисаи илмӣ қарор гирифта, бо далелҳои сарчашмаҳои истифодашуда асоснок карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6. 1 Таърихи илм (6.1.7 Таърихи илм ва техника) мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.

Саҳми шахсии довталаб аз интихоби мавзӯъ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва низомномандии сарчашмаҳои илмӣ, таърихӣ ва бойгонӣ, таҳқиқи фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва ташкилотчигии П. Б. Бобоҷонов, муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти илмии ӯ дар соҳаҳои физика, математика ва астрономия, инчунин таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои асосии таҳқиқотро таҳия ва хулосаҳои илмиро асоснок кардааст. Ҳамчунин, саҳми шахсии доталаб дар муайян намудани нақши П. Б. Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди астрономия ва кайҳоншиносӣ дар Тоҷикистон, омодасозии кадрҳои илмӣ ва таҳкими муҳити илмии ҷумҳурӣ ифода меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои илмӣ дар таҳқиқот. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва ҳамоишҳои илмӣ – амалӣ, инчунин дигар чорабиниҳои илмӣ мавриди баррасӣ ва

муҳокимаи мутахассисон қарор гирифтаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърӯзаҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои ҳамасолаи илмӣ - амалӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод ва муҳокима гардидааст.

Дисертатсия дар маҷлиси якҷояи кафедраҳои физикаи умумӣ ва назариявӣ ва таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (суратҷаласаи № 11 аз 23.06.26) мавриди муҳокима қарор гирифта, барои ҳимоя тавсия шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои истифода дар таҳқиқоти минбаъдаи таърихи илм, аз ҷумла таърихи рушди физика, математика, астрономия ва кайҳоншиносӣ дар Тоҷикистон, инчунин дар таҳияи маводи таълимӣ ва илмӣ оид ба фаъолияти илмӣ ва омӯзгории Пӯлод Бобоҷонов пешниҳод карда мешавад.

Интишорот аз рӯйи мавзуи дисертатсия. Муқаррароти асосии диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 185 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи манобеъ, адабиёти илмӣ ва замимаҳо таркиб ёфтааст.

МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима аҳаммияти илмии омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмии академик Пӯлод Бобоҷонов асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи он бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот муайян карда мешаванд. Ҳамчунин, асосҳои назариявӣ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада, дараҷаи эътимоднокии онҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзуъ ва с охтори диссертатсия инъикос ёфтааст.

Боби аввали диссертатсия, ки -**Ташаккулёбии шахсияти илмӣ ва ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов** ном дорад, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якум **- Ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов** - ро дар бар мегирад, ки дар он ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Пӯлод Бобоҷонов ба таври мушаххас оварда шудааст. Омӯзиши фаъолият нишон медиҳад, ки П. Б. Бобоҷонов дар ташаккул ва рушди астрономия ва астрофизикаи Тоҷикистон, омода намудани кадрҳои илмӣ, таҳкими муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ, таҳкими ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ фаъолияти назаррас гузоштааст. Ҳаёт ва фаъолияти ӯ яке аз саҳифаҳои муҳими таърихи илми муосири тоҷик

арзёбӣ гардида, таҷрибаи илмӣ ва ҷамъиятии ӯ барои наслҳои минъбадаи олимон аҳаммияти хос дорад.

“Пӯлод Бобоҷонов дар муҳити мусоиди иҷтимоию фарҳангӣ ба камол расида, аз солҳои аввали ҳаёташ ба донишандӯзӣ ва илм таввақуҳи зиёд зоҳир намудааст. Ташаккули ҷаҳонбинӣ ва қобилияти илмии ӯ дар натиҷаи таъсири муҳити оилавӣ, омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ ва муносибат бо омӯзгорону олимони варзида сурат гирифтааст. Дар давраи таҳсил қобилияти ӯ ба фанҳои табиӣ ва дақиқ, махсусан, ба физика ва астрономия бештар инкишоф ёфта, ҳамин омил барои интихоби самти минбаъдаи фаъолияти илмии ӯ замина гузоштааст. Омӯзиши марҳалаҳои аввали ҳаёти ӯ нишон медиҳад, ки меҳнатдӯстӣ, кунҷковии илмӣ, масъулиятшиносӣ ва талоши пайваста барои азхуд намудани донишҳои нав аз хусусиятҳои асосии ташаккули шахсияти илмии ӯ ба ҳисоб мераванд” [8, с. 468 - 469].

Марҳилаи муҳими фаъолияти П. Б. Бобоҷонов ба таҳсилоти касбӣ ва ворид шудани ӯ ба муҳити илмӣ вобаста мебошад. Дар ин давра ӯ донишҳои назариявиро бо фаъолияти амалӣ ва таҳқиқоти илмӣ пайваста, тадриҷан ҳамчун мутахассиси соҳаи астрономия ва астрофизика ташаккул ёфт. Муошират бо олимони ботаҷриба, иштирок дар корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва азхуд намудани усулҳои муосири мушоҳидаҳои астрономӣ ба рушди қобилияти илмии ӯ мусоидат намуданд. Минбаъд фаъолияти ӯ хусусияти мақсаднок гирифта, таҳқиқоти илмӣ ба самтҳои муҳими астрономияи мушоҳидавӣ ва астрофизика равона гардиданд.

Нақши академик П. Б. Бобоҷонов дар рушди муассисаҳои Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мешавад. Фаъолияти ӯ дар Институти астрофизика бо ташаккули заминаҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, рушди самтҳои афзалиятноки астрономия ва тарбияи мутахассисони ҷавон алоқаманд мебошад. Дар давраи фаъолияти роҳбарӣ ӯ ба рушди корҳои илмӣ, беҳтар намудани шароити таҳқиқот, таҳкими робитаҳои илмӣ ва баланд бардоштани мақоми муассисаи илмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст.

Фаъолияти П. Б. Бобоҷонов ҳамчун роҳбари муассисаи таҳсилоти олӣ низ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти ҷамъиятии ӯ ба ҳисоб меравад. Дар ин давраи роҳбарӣ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон масъалаҳои рушди таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани сифати таълим, омода намудани мутахассисони баландихтисос ва таҳкими робитаи илм бо таълим аҳаммияти махсус пайдо карданд. Ӯ ба рушди иқтидори илмӣ – таълимии муассиса, дастгирии фаъолияти омӯзгорон, муҳақиқон ва ҷалби ҷавонон ба корҳои илмӣ таввақуҳ зоҳир намуда, дар таҳкими заминаҳои рушди илм ва маориф саҳм гузоштааст.

Дар фаъолияти П. Б. Бобоҷонов ҷанбаи тарбияи кадрҳои илмӣ мавқеи муҳим дорад. Ӯ ба омода намудани муҳаққиқони ҷавон, рушди қобилияти илмии донишҷуён, аспирантон ва идомаи анъанаҳои илмӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамуд. Тарбияи насли нави олимон яке аз омилҳои муҳими рушди устувори илм ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар, фаъолияти педагогӣ ва илмии П. Б. Бобоҷонов ҳамчун воситаи

интиқоли таҷрибаи илмӣ аз як насл ба насли дигар аҳаммияти калон дорад.

Фаъолияти роҳбарии ӯ дар сохторҳои Академияи илмҳои Тоҷикистон низ ба рушди илмҳои табиӣ ва дақиқ, таҳкими муассисаҳои илмӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти илмӣ равона гардидааст.Дар вазифаҳои роҳбарӣ П. Б. Бобоҷонов масъалаҳои рушди илм, истифодаи самараноки иқтидори илмии кишвар, дастгирии олимони ҷавон ва таҳкими робитаҳои илмиро пайгирӣ намудааст. Ин таҷриба ба ӯ имконият дод, ки на танҳо ҳамчун муҳақиқ, балки ҳамчун ташкилотчии илм ва роҳбари соҳаи илм низ ташаккул ёбад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими фаъолияти П. Б. Бобоҷонов иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва илмии кишвар мебошад. Ӯ дар фаъолияти ташкилотҳо, шуроҳои илмӣ, чорабиниҳои илмӣ ва дигар сохторҳои марбут ба рушди илм иштирок намуда, барои пешбурди масъалаҳои муҳими соҳаи илм ва маориф саҳм гузоштааст. Иштироки ӯ дар муҳокимаҳои илмӣ ва ташкили робитаҳои байни муассисаҳои илмӣ барои рушди муҳити илмии кишвар аҳаммияти муҳим доштааст.

“Фаъолияти ҷамъиятӣ, инчунин, ба тарғиби донишҳои илмӣ дар ҷомеа алоқаманд мебошад. Ӯ ҳамчун олими соҳаи астрономия барои баланд бардоштани таваҷҷуҳи ҷомеа ба илмҳои табиӣ, дақиқ ва ҷалби ҷавонон ба омӯзиши илм саҳм гузоштааст. Тарғиби донишҳои астрономӣ ва илмҳои кайҳонӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҷавонон ва рушди фарҳанги илмӣ аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти ҷамъиятии П. Б. Бобоҷонов аз даоираи корҳои касбии ӯ берун рафта, ба масъалаҳои рушди маърифати илмӣ низ иртибот пайдо кардааст.”[9].

Таҳқиқоти астрономӣ, махсусан, дар соҳаи омӯзиши метеорҳо ва ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ, бо истифода аз таҷриба ва дастовардҳои илмии кишварҳои гуногун рушди бештар пайдо мекунанд. П. Б. Бобоҷонов дар густариши чунин робитаҳои илмӣ, мубодилаи таҷриба ва муаррифии дастовардҳои астрономияи Тоҷикистон дар муҳити байналмилалии илмӣ саҳм гузоштааст. Эътирофи натиҷаҳои фаъолияти илмии ӯ дар сатҳи байналмилалӣ аз аҳаммияти корҳои анҷомдодааш шаҳодат медиҳад.

Маводи таҳқиқотии дар ин зербоб овардашуда нишон медиҳад, ки фаъолияти илмӣ ва ҷамъиятии П. Б. Бобоҷонов бо фаъолияти педагогӣ ва роҳбарӣ робитаи зич доштааст. Ӯ илмро ҳамчун воситаи рушди ҷомеа, тарбияи мутахассисони соҳибмаърифат ва таҳкими иқтидори зеҳнии кишвар арзёбӣ намуда, фаъолияти худро ба рушди илм ва маориф равона кардааст. Пайвастани таҳқиқоти илмӣ бо фаъолияти педагогӣ ва ташкилотчигии илмӣ ба ташаккули муҳити мусоиди илмӣ ва идомаи анъанаҳои астрономияи миллӣ мусоидат намудааст.

Дар фаъолияти бисёрсолаи академик П. Б. Бобоҷонов ҷанбаҳои баланди масъулияти шаҳрвандӣ, садоқат ба илм, меҳнатдӯстӣ ва хизмат ба рушди ҷомеа инъикос меёбанд. Фаъолияти зиёда аз ҳафтодсолаи ӯ бо рушди астрономия ва астрофизика, таҳкими муассисаҳои илмӣ, рушди

таҳсилоти олӣ, омода намудани кадрҳои илмӣ ва густариши ҳамкориҳои илмӣ алоқаманд мебошад. Дастовардҳои илмӣ ва ҷамъиятии ӯ бо як қатор мукофотҳо ва қадрдониҳои давлатӣ ва илмӣ эътироф гардидаанд.

Зербоби дуюми боби аввал - Таҳсил, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти касбии академик П. Б. Бобоҷонов номгузорӣ шудааст. Дар зербоби маскур марҳилаҳои таҳсил, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, фаъолияти касбӣ ва дастовардҳои илмии академик Пӯлод Бобоҷонов мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Омӯзиши фаъолияти ӯ нишон медиҳад, ки ташаккули шахсияти илмии П. Б. Бобоҷонов дар заминаи донишандӯзии пайваста, меҳнати пурмасъулият, муҳити мусоиди илмӣ ва ҳамкорӣ бо олимони маъруфи соҳаи астрономия ва астрофизика сурат гирифтааст. Ӯ ҳамчун яке аз олимони барҷастаи тоҷик дар рушди астрономияи метеорӣ, астрофизика ва омӯзиши ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ саҳми назаррас гузоштааст.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии П. Б. Бобоҷонов таъсири мактаби илмии олимони маъруф, аз ҷумла, С. В. Орлов ва Н. Д. Маисеев назаррас мебошад. Муҳити илмии ин мактаб ба рушди тафаккури таҳлилӣ, дақиққории методологӣ, муносибати интиқодӣ ба натиҷаҳои таҳқиқот ва интихоби масъалаҳои мубрами илмӣ мусоидат намудааст. П. Б. Бобоҷонов дар давраи аспирантӣ ба омӯзиши амиқи астрономияи метеорӣ, механикаи осмонӣ, кометаҳо ва равандҳои вобаста ба пайдоиши селҳои метеорӣ машғул гардида, малакаҳои асосии таҳқиқоти мустақилонаи илмиро ташаккул додааст.

“Давраи аспирантии солҳои 1951 – 1954 марҳилаи муҳими ташаккули ӯ ҳамчун муҳаққиқ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра ӯ масъалаҳои ҳаракат ва пайдоиши моддаи метеорӣ, робитаи кометаҳо бо селҳои метеорӣ ва хусусиятҳои динамикии заррaҳои метеориро мавриди омӯзиш қарор додааст. Соли 1954 П. Б. Бобоҷонов рисолаи номзадии худро дар мавзуи “Таҳқиқоти суръати моддаҳои аз ядрои кометаҳо партофташуда” (Исследование скоростей извержения вещества из ядер комет (К вопросу о происхождении метеорных потоков)) бо муваффақият ҳимоя намуд. Дар таҳқиқоти мазкур робитаи генетикии кометаҳо ва селҳои метеорӣ, инчунин, хусусиятҳои кинематикӣ ва динамикии заррaҳои метеорӣ таҳлил гардидаанд. Ин таҳқиқот барои ташаккули самти минбаъдаи фаъолияти илмии ӯ заминаи устувор фароҳам овард” [14, с.120].

Дар марҳилаҳои минбаъдаи фаъолияти касбӣ П. Б. Бобоҷонов ба таҳқиқоти комплексии метеорҳо, болидҳо, кометаҳо ва астероидҳо диққати асосӣ дод. Ӯ бо истифода аз усулҳои аксбардорӣ, спектрографӣ, радиолокатсионӣ ва баъдан телевизионӣ, барои такмили мушоҳида ва муайян намудани параметрҳои физикӣ ва динамикии ҷирмҳои метеорӣ корҳои муҳим анҷом дод.Таҳқиқоти ӯ ба муайян намудани ҳаракат, равшанӣ, масса, таркиби химиявӣ, таксимоти моддаи метеорӣ ва хусусиятҳои воридшавии он ба атмосфераи Замин равона гардиданд.

Яке аз дастовардҳои муҳими фаъолияти илмии П. Б. Бобоҷонов таҳияи усулҳои муосири мушоҳида ва аксбардории метеорҳо мебошад.

Зери роҳбарии ӯ системаҳои махсуси мушоҳидавӣ ва таҷҳизоти илмӣ таҳиягардида, барои ҷамъоварии маълумоти дақиқ оид ба метеорҳои дурахшон ва дигар ҷирмҳои байнисайёравӣ истифода шуданд. Дар асоси маълумоти бадастомада каталогҳои мадории метеорҳо тартиб дода шуда, натиҷаҳои мушоҳидаҳо ба марказҳои байналмилалии маълумоти метеорӣ пешниҳод гардиданд.Ин фаъолияти илмӣ ба ташаккули заминаи боэътимоди мушоҳидавӣ барои омӯзиши метеорҳо мусоидат намуд.

“Дар солҳои 1975 – 1990 самти дигари муҳими таҳқиқоти ӯ омӯзиши таҳаввули тудаҳои метеороидӣ ва динамикаи кометаҳою астероиҳо гардид. Бо истифода аз таҳлили таъсири халалдоршавиҳои ҷозибавӣ ва ғайриҷозибавӣ, эволюсияи мадори гурӯҳҳои гуногуни ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ, аз ҷумла, гурӯҳҳои Аполлон, Амур ва Атон, мавриди омӯзиш қарор гирифт. Натиҷаҳои ин таҳқиқот барои амиқтар намудани тасаввуроти илмӣ аҳаммияти муҳим доштанд”[14,с.36].

Соли 1970 П. Б. Бобоҷонов рисолаи доктории худро дар мавзуи - Таҳқиқи ҳодисаҳои метеорӣ дар асоси аксбардорӣ (Исследование метеорных явлений на основе фотографических наблюдений) ҳимоя намуд. Дар доираи ин таҳқиқот имконияти усулҳои гуногуни мушоҳидаи метеорҳо муқоиса гардида робитаи параметрҳои равшанӣ ва ионизатсия, инчунин, масъалаҳои муайян намудани масса ва мадори метеорҳо таҳлил шуданд. Натиҷаҳои бадастомада барои рушди минбаъдаи астрономияи метеорӣ ва такмили усулҳои мушоҳидавӣ заминаи илмӣ фароҳам оварданд.

“Эътирофи фаъолияти илмии П. Б. Бобоҷонов дар сатҳи байналмилалӣ дар иштироки ӯ дар ассамблеяҳо, симпозиумҳо ва конференсияҳои илмии кишварҳои гуногун инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ дар форумҳои илмии байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамкориҳои ӯ бо олимони маъруфи соҳаи астрономия ба рушди муносибатҳои илмии Институти астрофизика ва марказҳои илмии хориҷӣ мусоидат намуданд. Фаъолияти мазкур мақоми астрономияи метеории Тоҷикистонро дар муҳити байналмилалии илмӣ таҳким бахшид” [13, с.194].

Дар баробари фаъолияти илмӣ, П. Б. Бобоҷонов дар рушди илм ва маъорифи Тоҷикистон ҳамчун ташкилотчии илм, омӯзгор ва роҳбари муассисаҳои илмӣ – таълимӣ саҳм гузоштааст. Ӯ дар вазифаҳои роҳбарикунандаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, аз ҷумла ҳамчун узви Раёсат ва ноиби президент фаъолият намуда, барои ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ саҳми назаррас гузоштааст. Фаъолияти роҳбарии ӯ ба таҳкими заминаҳои илмӣ, дастгирии муҳақиқони ҷавон ва рушди самтҳои афзалиятноки илмҳои табиӣ ва дақиқ равона гардидааст.

Мероси илмии П. Б. Бобоҷонов назаррас буда, зиёда аз 400 мақолаи илмӣ ва 7 монографияро дар бар мегирад. Мавзуъҳои таҳқиқотии ӯ масъалаҳои гуногуни астрономия ва астрофизика, аз ҷумла моддаи метеории байнисайёравӣ, физика ва динамикаи метеорҳо, селҳои

метеорӣ, кометаҳо, астероидҳо, қабатҳои болоии атмосфера ва усулҳои мушоҳидаи ҷирмҳои хурди системаи Офтобиро фаро мегиранд. Гуногунҷабҳа будани таҳқиқот ва истифодаи усулҳои мушоҳидавию назариявӣ имконият дод, ки як қатор масъалаҳои муҳими астрономияи метеорӣ аз мавқеи нав таҳлил карда шаванд [10,с. 58].

Хизматҳои П. Б. Бобоҷонов дар рушди илм бо як қатор мукофотҳои давлатӣ ва илмӣ қадрдонӣ шудаанд. Аз ҷумла, ӯ бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ду ордени “Нишони Фахрӣ”, медалҳои давлатию соҳавӣ, Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Ҷоизаи ба номи академик Султон Умаров ва Ҷоизаи “Ситораҳои Иттиҳод” сарфароз гардидааст. Ин қадршиносиҳо натиҷаи фаъолияти бисёрсолаи илмӣ, роҳбарӣ, тарбияи кадрҳо ва саҳми ӯ дар рушди илмҳои астрономӣ ва астрофизика мебошанд.

Яке аз нишонаҳои эътирофи байналмилалии фаъолияти илмии П. Б. Бобоҷонов ба номи ӯ гузоштани астероиди № 7146 “Бобоҷонов” мебошад. Ин далел мақоми илмии ӯро дар ҷомеаи байналмилалии астрономӣ инъикос намуда, ҳамчун нишонаи эътирофи саҳми олим дар омӯзиши ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ арзёбӣ мешавад.

Боби дуюми диссертатсия - **Академик П. Б. Бобоҷонов ва рушди илму маориф ва таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби дуюм - **Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ - педагогӣ** буда, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва ташкилотчигии ӯ нишон медиҳад, ки омода намудани олимони ҷавон ва мутахассисони соҳаи илм яке аз самтҳои муҳими фаъолияти бисёрсолаи академик ба ҳисоб мерафт.

“Фаъолияти омӯзгории П. Б. Бобоҷонов аз солҳои ҷавонӣ оғоз ёфта, дар Институти педагогии Ленинобод идома пайдо кардааст. Баъдан ӯ бо мақсади такмили донишҳои касбӣ ба расадхонаи астрофизикӣ ва аспирантураи шаҳри Москва роҳ ёфта, дар муҳити илмии олимони маъруфи соҳаи астрономия таҷрибаи зарурии илмӣ ба даст оварад. Омӯзиш ва фаъолияти илмӣ таҳти роҳбарии олимони маъруф барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва усули таҳқиқотии ӯ заминаи мусоид фароҳам оварда, минбаъд дар фаъолияти педагогӣ ва роҳбарии илмии шогирдон нақши муҳим бозид” [15, с. 239].

Яке аз дастовардҳои асосии П. Б. Бобоҷонов таъсиси мактаби илмии астрофизикаи Тоҷикистон мебошад. Бо роҳбарӣ ва ташаббуси ӯ аз солҳои 1960 – 1970 ба омода намудани мутахассисони миллӣ дар соҳаи астрономия ва астрофизика таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Шогирдони ӯ ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами илмӣ, аз ҷумла, ҷирмҳои хурди системаи Офтобӣ, селҳои метеорӣ, кометаҳо, астероидҳо, ионосфераи Замин, майдони магнитӣ ва дигар равандҳои кайҳонӣ ҷалб кардашуданд. Дар ин раванд ба ҳамоҳангсозии донишҳои назариявӣ бо таҷрибаи мушоҳидавӣ ва таҳқиқоти мустақилона аҳаммияти махсус дода мешуд.

Натиҷаи фаъолияти роҳбарӣ ва омӯзиши академик дар ташаккули як гурӯҳ олимони соҳа инъикос ёфтааст. Тибқи маълумоти дар сарчашмаҳои таҳқиқшуда овардашуда, таҳти роҳбарии ӯ 24 нафар рисолаҳои илмиро ҳимоя намудаанд, ки аз онҳо 4 нафар доктори илм ва 20 нафар номзади илм мебошанд. Ин нишондиҳанда нақши муассири ӯро дар тайёр намудани кадрҳои дорои дараҷаҳои илмӣ ва ташаккули насли нави муҳақиқони соҳаи астрофизика нишон медиҳад.

Дар фаъолияти П. Б. Бобоҷонов масъалаи фароҳам овардани заминаи институтсионалӣ барои тайёр намудани мутахассисон низ ҷойгоҳи муҳим дошт. Дар давраи роҳбарии ӯ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба рушди корҳои таълимӣ ва илмӣ – таҳқиқотӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардида, масъалаи омода намудани мутахассисони соҳаи астрономия ва астрофизика ба таври мақсаднок ба роҳ монда шуд. Таъсиси кафедраи астрофизика дар соли 1980 аз ҷумлаи иқдомҳои муҳими ин раванд ба ҳисоб рафта, барои ташаккули низоми омодасозии мутахассисони соҳавӣ дар ҷумҳурӣ заминаи устувор фароҳам овард.[15, с. 5-31].

Самти дигари муҳими фаъолияти академик дастгирии ҷавонони болаёқат ва фароҳам овардани имконият барои такмили ихтисоси онҳо буд. Ӯ барои таҳсил ва идомаи корҳои илмии донишҷӯён ва муҳақиқони ҷавон дар марказҳои бонуфузи илмии Москва, Киев, Санкт – Петербург, Минск ва дигар шаҳрҳо мусоидат менамуд. Чунин робитаҳо ба васеъ гардидани муҳити илмии муҳаққиқони тоҷик, шиносоӣ бо усулҳои муосири таҳқиқот ва ворид шудани онҳо ба фазои илмии байналмилалӣ мусоидат карданд.

Ҳамкориҳои байналмилалии илмии П. Б. Бобоҷонов низ бо масъалаи омода намудани кадрҳои илмӣ робитаи мустақим доштанд. Иштироки ӯ дар конференсияҳо ва созмонҳои байналмилалии астрономӣ, ҳамкорӣ бо марказҳои илмии хориҷӣ ва муаррифии натиҷаҳои таҳқиқоти олимони тоҷик барои рушди муносибатҳои илмӣ ва баланд гардидани сатҳи касбии муҳаққиқони ҷавон мусоидат намуд. Дар фаъолияти худ ӯ зарурати омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони англисиро барои муҳаққиқони ҷавон мусоидат намуда, онро яке аз омилҳои муҳими дастрасӣ ба дастовардҳои илмии ҷаҳонӣ медонист.

Дар баробари омода намудани кадрҳои илмӣ, академик ба рушди инфрасохтори илмӣ ва ташкили муҳити мусоиди таҳқиқотӣ низ аҳаммияти ҷиддӣ медод.Эҳё ва рушди Маркази байналмилалии илмӣ – таҳқиқотии “Помир - Чақатой” ва истифодаи имкониятҳои табии минтақаи баландкӯҳи Помир барои таҳқиқоти астрофизикӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳими фаъолияти илмӣ ва ташкилотчигии ӯ ба ҳисоб меравад. Рушди чунин марказҳо имконият фароҳам овард, ки муҳаққиқони ҷавон дар таҳқиқоти муштарак иштирок намуда, таҷрибаи илмии худро такмил диҳанд ва бо олимони кишварҳои гуногун ҳамкорӣ намоянд.

Ташкили Шурои дифои рисолаҳои илмӣ дар назди Институти астрофизика низ дар рушди низоми омода намудани кадрҳои илмӣ

аҳаммияти муҳим дошт. Фароҳам омадани имконияти ҳимояи рисолаҳо дар дохили кишвар ба рушди кадрҳои илмӣ, таҳкими мактаби илмии миллӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз марказҳои илмии хориҷӣ мусоидат намуд. Ин иқдомро метавон яке аз самтҳои муҳими фаъолияти ташкилотчигии академик дар марҳилаи рушди илми тоҷик арзёбӣ кард.

Дар фаъолияти педагогии П. Б. Бобоҷонов тарбияи шахсияти илмӣ мавқеи муҳим дошт. Ӯ ҷавононро ба меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ, омӯзиши пайваста, таҳқиқоти мустақилона ва ҳамкории илмӣ ҳидоят менамуд. Ба назари ӯ, олими ҳақиқӣ бояд пайваста донишҳои худро такмил дода, аз дастовардҳои нави илмӣ огоҳ бошад ва барои рушди илм ва ҷомеа саҳм гузорад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти ӯ танҳо ба интиқоли донишҳои назариявӣ маҳдуд нашуда, ба ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва масъулияти касбии муҳаққиқони ҷавон равона гардида буд [15, 249].

Академик, ҳамчунин, ба баланд бардоштани сатҳи таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таваҷҷуҳ намуда, аҳаммияти омӯзиши илмҳои кайҳонӣ ва дақиқро дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҷавонон таъкид мекард. Ба андешаи ӯ, ҷалби хонандагон ва донишҷӯён ба илмҳои дақиқ метавонад барои интихоби дурусти касб ва ташаккули насли нави мутахассисони илмӣ замина фароҳам оварад.

Саҳми П. Б. Бобоҷонов дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ – педагогӣ бо фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ, роҳбарӣ ва ташкилотчигии ӯ робитаи ногусастанӣ дорад. Таҳти роҳбарии ӯ насли муҳаққиқони соҳаи астрономия ва астрофизика ташаккул ёфта, барои рушди минбаъдаи астрофизика, дастгирии олимони ҷавон, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, рушди инфрасохтори илмӣ ва фароҳам овардани шароити ҳимояи рисолаҳои илмӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳими фаъолияти ӯ мебошанд. Мактаби илмии ташаккулдодаи академик П. Б. Бобоҷонов барои идомаи таҳқиқоти астрофизикӣ ва тарбияи мутахассисони нави соҳа заминаи муҳим гузошта, саҳми ӯро дар рушди илми миллӣ ва низоми омодасозии кадрҳои илмӣ – педагогӣ муайян менамояд.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия фарогири масъалаи **- Фаъолияти роҳбарикунандаи академик П. Б. Бобоҷонов дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди таҳсилоти олӣ** мебошад. П. Б. Бобоҷонов солҳои 1971 – 1982 ректори донишгоҳ буд ва ин давра ба яке аз марҳилаҳои муҳими рушди сохторӣ, илмӣ – таълимӣ ва моддӣ – техникии муассиса рост меояд. Фаъолияти ӯ ҳамчун роҳбари донишгоҳ ба таҳкими иқтидори илмӣ, беҳтар намудани раванди таълим, рушди сохтори донишгоҳ, омода намудани кадрҳои баландихтисос ва густариши робитаҳои байналмилалӣ равона гардида буд.

“Яке аз самтҳои асосии фаъолияти роҳбарии академик таъсиси сохторҳои нави таълимӣ ва мутобиқ намудани ихтисосҳо ба талаботи рушди ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Дар солҳои роҳбарии ӯ як қатор

кафедраҳо ва факултетҳои нав, аз ҷумла, дар самтҳои иқтисод, геология, биология, таърих, математика, физика ва дигар соҳаҳо таъсис дода шуданд. Аз ҷумла, соли 1973 бо ташаббуси ӯ дар факултети физика кафедраи астрофизика ташкил гардид. Таъсиси ин кафедра барои омода намудани мутахассисони соҳаи астрономия, астрофизика ва ташаккули мактаби миллии астрофизика аҳаммияти муҳим дошт. Худи П. Б. Бобоҷонов мудири кафедра ва раиси Шурои махсусгардонидашуда оид ба ҳимояи рисолаҳои илмӣ дар соҳаи физика буд" [11, с. 29].

Дар баробари илмҳои дақиқ, ба рушди илмҳои гуманитарӣ низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардид. Соли 1974 кафедраи таърихи халқи тоҷик таъсис ёфта, дар донишгоҳ шуъбаи илмӣ – таҳқиқотӣ ташкил карда шуд. Ин иқдомҳо ба таҳкими корҳои илмӣ, рушди таҳқиқоти соҳавӣ ва омода намудани кадрҳои дорои дараҷаҳои илмӣ мусоидат намуданд. Ҳамзамон, таъсиси кафедраҳои математикаи амалӣ, кибернетикаи иқтисодӣ, биохимия, геологияи муҳандисӣ ва гидрогеология, адабиёти классикии рус ва дигар сохторҳои таълимӣ имконият фароҳам овард, ки доираи омодасозии мутахассисон васеъ гардад.

Самти дигари муҳими фаъолияти П. Б. Бобоҷонов таҳкими иқтидори илмӣ ва кадрии донишгоҳ буд. Дар давраи роҳбарии ӯ шумораи омӯзгорон ва кормандони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ афзоиш ёфта, фаъолияти аспирантура ва корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ густариш пайдо кард. Донишҷӯён ба корҳои илмӣ бештар ҷалб гардида, иштироки онҳо дар конференсияҳо ва ҳамоишҳои илмӣ афзоиш ёфт. Тибқи маълумоти овардашуда, шумораи донишҷӯёни ба корҳои илмӣ ҷалбшуда аз 2770 нафар дар оғози солҳои 1970 то 4800 нафар баъди шаш соли роҳбарии ӯ расидааст. Ин раванд барои ташаккули муҳити илмӣ ва омода намудани насли нави муҳаққиқон замина фароҳам овард[10, с. 235].

Таъсиси шуроҳҳои дисертатсионӣ яке аз иқдомҳои муҳими давраи роҳбарии академик ба шумор меравад. Бо таъсиси чунин шуроҳо муҳаққиқон имконият пайдо карданд, ки рисолаҳои номзадӣ ва доктории худро дар дохили ҷумҳурӣ ҳимоя намоянд. Тибқи маълумоти мавҷуда, танҳо дар солҳои 1971 – 1980 дар шуроҳои диссертатсионии донишгоҳ зиёда аз 280 рисолаи илмӣ ҳимоя гардидааст. Ин нишондиҳанда аз рушди иқтидори илмии донишгоҳ ва афзоиши нақши он дар омода намудани кадрҳои илмӣ – педагогӣ шаҳодат медиҳад.

Дар фаъолияти роҳбарии П. Б. Бобоҷонов ба рушди инфрасохтори моддӣ – техникии донишгоҳ низ таваҷҷуҳи махсус дода мешуд. Дар давраи роҳбарии ӯ сохтмони шаҳраки донишҷӯён оғоз гардида, як қатор биноҳои нави таълимӣ ба истифода дода шуданд. Таъсиси шароити нави таълимӣ барои густариши факултетҳо, беҳтар гардидани шароити таҳсил ва фаъолияти омӯзгорон мусоидат намуд. Ҳамчунин, курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон, кормандони муҳандисию техникӣ ва роҳбарони муассисаҳо ташкил гардида, ба баланд бардоштани сатҳи касбии кадрҳо равона шуданд.

Академик Пӯлод Бобоҷонов ба фаъолияти нашриявӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ низ аҳаммият медод. Бо ташаббуси ӯ дар донишгоҳ сохторҳои таҳририявӣ – интишорӣ ва патентӣ таъсис дода шуданд. Ин тадбир барои нашри китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ, инчунин, ҳифзи натиҷаҳои фаъолияти ихтироъкорӣ заминаи зарурӣ фароҳам овард. Дар баробари ин, баргузории конференсияҳо, симпозиумҳо ва дигар ҳамоишҳои илмӣ фаъол гардида, иштироки омӯзгорон ва муҳаққиқони донишгоҳ дар чорабиниҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ афзоиш ёфт.

Густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ низ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти роҳбарии академик буд. Дар давраи роҳбарии ӯ муносибатҳои илмӣ ва таълимии донишгоҳ бо муассисаҳои бонуфузи илмӣ ва таҳсилоти олии Москва, Киев, Санкт – Петербург ва дигар марказҳои илмии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, инчунин, бо муассисаҳои хориҷӣ густариш ёфтанд. Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон соли 1974 ба Ассосиатсияи байналмилалии донишгоҳҳо пазируфта шуд, ки ин барои рушди робитаҳои академӣ ва муарифии имконияти илмӣ – таълимии донишгоҳ дар сатҳи байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар ҳамин давра таваҷҷуҳ ба таҳсили донишҷӯёни хориҷӣ низ афзуда, гурӯҳҳо ва сохторҳои махсус барои онҳо ташкил гардиданд.

Дар самти омода намудани кадрҳои илмӣ академик ба дастгирии олимони ҷавон, аспирантон ва донишҷӯёни болаёқат аҳаммияти махсус медод. Ӯ барои идомаи таҳсил ва фаъолияти илмии ҷавонон дар марказҳои илмии бонуфуз шароити мусоид фароҳам оварда, онҳоро ба таҳқиқоти мустақилона ва ҳамкории илмӣ ҷалб менамуд. Ҳамзамон, фаъолияти худи ӯ ҳамчун олими маъруф ва иштирокчии конференсияҳои байналмилалӣ барои муаррифии дастовардҳои илмии Тоҷикистон ва баланд гардидани сатҳи ҳамкориҳои академӣ мусоидат мекард.

Таҳлили фаъолияти роҳбарии П. Б. Бобоҷонов нишон медиҳад, ки ӯ ба масъалаҳои интизоми меҳнат, масъулиятшиносӣ, самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва муҳақиқон муносибати ҷиддӣ дошт. Дар идоракунии донишгоҳ ба ташкили муҳити солими илмӣ, эҳтироми кормандон ва истифодаи самаранокии иқтидори касбии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Ҳамзамон, сиёсати кадрии ӯ ба ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба, дастгирии ҷавонон ва баланд бардоштани сатҳи касбии ҳайати омӯзгорон равона гардида буд.

Дар маҷмуъ, давраи роҳбарии академик Пӯлод Бобоҷонов солҳои 1971 - 1982 дар таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҳамчун марҳилаи рушди сохторӣ, таҳкими иқтидори илмӣ ва васеъ гардидани робитаҳои байналмилалӣ арзёбӣ мешавад. Таъсиси кафедра ва факултетҳои нав, рушди астрофизика, таъсиси шуроҳои диссертатсионӣ, густариши аспирантура ва корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, рушди инфрасохтори таълимӣ, афзоиши ҷалби донишҷӯён ба илм ва тавсеаи муносибатҳои байналмилалӣ аз самтҳои асосии фаъолияти ӯ ба ҳисоб мераванд. Ин тадбирҳо барои таҳкими заминаҳои илмӣ – таълимии

донишгоҳ ва омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ – педагогӣ мусоидат намуда, дар рушди минбаъдаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим пайдо карданд [2].

Боби сеюми рисола - **Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар рушди астрономияи Тоҷикистон** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якум - **Мероси педагогӣ ва фаъолияти ҷамъиятии академик П. Б. Бобоҷонов** буда, дар он оварда шудааст,ки академик Пӯлод Бобоҷонов баъди хатми Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С. М. Киров (соли 1949,) ба фаъолияти омӯзгорӣ оғоз намуда, дар ташаккул ва рушди минбаъдаи мактаби миллии астрономия ва астрофизикаи Тоҷикистон нақши муҳим гузоштааст. Яке аз самтҳои аввалини фаъолияти ӯ рушди таълими астрономия ба забони тоҷикӣ буд. Бо назардошти он ки дар он давра китобҳои дарсии астрономия ба забони тоҷикӣ хеле маҳдуд буданд, Пӯлод Бобоҷонов ҳанӯз дар солҳои таҳсил дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Москва ба тарҷумаи адабиёти таълимии астрономӣ машғул гардид. Аз ҷумла, тарҷумаи китоби дарсии астрономияи Б. А. Воронсов – Веляминов, ки солҳои 1955 – 1964 чандин маротиба нашр гардид, барои густариши таълимиастрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҷумҳурӣ ва ташаккули истилоҳоти илмии тоҷикӣ аҳаммияти назаррас дошт.

Солҳои 1954 – 1961 давраи муҳими ташаккули фаъолияти омӯзгорӣ ва илмии П. Б. Бобоҷонов ба ҳисоб меравад. Ӯ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ҳамчун муаллими калон фаъолият намуда, ба донишҷӯён фанҳои физика, математика ва астрономияро таълим медод. Хусусияти асосии фаъолияти педагогии ӯ пайвастани донишҳои назариявӣ ба мушоҳида ва таҷрибаи амалӣ буд. Донишҷӯён дар баробари азхуд намудани асосҳои назариявии астрономия дар Расадхонаи астрономии Душанбе ба мушоҳидаи ҷирмҳои осмонӣ, метеорҳо ва дигар падидаҳои астрономӣ ҷалб карда мешуданд. Чунин усули таълим барои ташаккули малакаҳои илмӣ – таҳқиқотии донишҷӯён ва интихоби самти минбаъдаи фаъолияти касбии онҳо заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар ин давра П. Б. Бобоҷонов ба корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ низ фаъолона машғул гардида, масъалаҳои метеоршиносӣ, кометаҳо, астрономияи мушоҳидавӣ ва ҷирмҳои хурди системаи Офтобиро мавриди омӯзиш қарор дод. Аз соли 1958 роҳбарии Шуъбаи астрономияи метеорҳоро ба зимма гирифта, дар ташкили фаъолияти лабараторияҳои фотографӣ, радиолокатсионӣ, ионосферӣ ва телевизион метеорҳо саҳм гузошт. Дар соли 1959 директори Пажъҳишгоҳи астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон таъйин гардид ва то соли 1971 ин вазифаро иҷро намуд.

Яке аз самтҳои муҳими мероси педагогии академик П. Б. Бобоҷонов ҷалби ҷавонон ба фаъолияти илмӣ мебошад. Ӯ донишҷӯёнро ба корҳои таҷрибавӣ, мушоҳидаҳои астрономӣ ва таҳқиқоти мустақилона ҷалб намуда, барои ташаккули муҳити илмӣ дар ҳамкории донишгоҳ ва

муассисаҳои илмӣ замина гузошт. Мушоҳидаи аввалин радифи маснуи Замин дар соли 1957 бо иштироки донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тоҷикистон намунаи равшани чунин фаъолияти илмӣ – таълимӣ мебошад. Як қисми донишҷӯёни дар ин корҳо иштирокдошта минбаъд фаъолияти касбии худро ба астрономия ва астрофизика пайваста, ба дараҷаи илмӣ ноил гардидаанд. Ин раванд дар ташаккули насли нави мутахассисони соҳаи астрофизикаи Тоҷикистон аҳаммияти хос дошт.[14, с. 21].

Мероси педагогии П. Б. Бобоҷонов танҳо бо фаъолияти назариявӣ маҳдуд намешавад. Ӯ ҳамчун роҳнамои илмӣ, муқарриз, муҳаррир ва ташкилотчии фаъолияти илмӣ дар тарбияи кадрҳои баландихтисос саҳми назаррас гузошт. Дар натиҷа, мактаби илмии астрофизикаи тоҷик ташаккул ёфта, принсипҳои асосии он – пайвастани назария бо мушоҳида, дақиқии илмӣ, таҳлили далелҳои таҷрибавӣ ва тарбияи мустақилонаи муҳаққиқони ҷавон устувор гардиданд.

Мероси педагогӣ ва фаъолияти ҷамъиятии П. Б. Бобоҷонов дар хотираҳои шогирдон ва ҳамкоронаш низ инъикос ёфтааст. Аз ёддоштҳои онҳо бармеояд, ки ӯ дар таълим талабгори дониш, интизом ва омодагии ҷиддӣ буда, ҳамзамон ба донишҷӯён муносибати эҳтиромона ва ғамхорона дошт. Усули педагогии ӯ ба ташаккули шавқи илмӣ, мустақилияти фикрӣ ва масъулияти касбии ҷавонон равона гардида буд. Бисёре аз шогирдони ӯ минбаъд аз он фаъолияти худро идома дода, дар рушди соҳаи физика, астрономия ва астрофизика саҳм гузоштанд.

Зербоби дуюми боби сеюм - **Фаъолияти илмӣ – таҳқиқотии академик П. Б. Бобоҷонов** буда, дар он натиҷаҳои илмии ӯ мавриди пажӯҳиш қарор ёфтаанд. Фаъолияти илмӣ – таҳқиқотии академик Пӯлод Бобоҷонов яке аз самтҳои муҳими рушди астрономия ва астрофизикаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Қадамҳои аввалини илмии ӯ аз солҳои 1950 оғоз гардида, баъдан, дар Институти давлатии астрономии ба номи П. К. Штернберги назди Донишгоҳи давлатии Москва идома ёфтаанд. Пас аз ҳимояи рисолаи номзадӣ дар соли 1954 оид ба масъалаи суръати беруншавии моддаҳо аз ядроҳои кометаҳо ва пайдоиши боронҳои метеорӣ, ӯ ба Душанбе баргашта, фаъолияти илмии худро дар Расадхонаи астрономии тоҷикистон идома дод. Аз соли 1958 роҳбарии Шуъбаи астрономияи метеории Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистонро ба зимма гирифт ва ба ташкили таҳқиқоти муосири метеоршиносӣ асос гузошт.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти илмии П. Б. Бобоҷонов омӯзиши метеорҳо, болидҳо, метеороидҳо, кометаҳо ва астероидҳо мебошад. Ӯ дар таҳқиқи масъалаи ҷудошавии метеороидҳо аз ядроҳои кометаҳо, муайян намудани суръати воқеии онҳо ва таҳаввули минбаъдаи мадори ҷисмҳои ҷудошуда саҳми назаррас гузоштааст. Дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва мушоҳидавӣ қонуниятҳои вобастагии хусусиятҳои ҷисмҳои ҷудошаванда аз массаи онҳо таҳлил гардида, масъалаҳои пайдоиши

селҳои метеорӣ ва робитаи генетикии онҳо бо кометаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

“Дастоварди муҳими дигари академик П. Б. Бобоҷонов таҳия ва такмили усулҳои мушоҳидаи метеорҳо мебошад. Дар Пажӯҳишгоҳи астрофизика бо роҳбарии ӯ усулҳои аксбардории оддӣ, аксбардории фаврӣ ва спектрографии метеорҳо такмил дода шуданд. Истифодаи усули аксбардории фаврӣ имконият фароҳам овард, ки ҳазорҳо тасвири метеорҳои дурахшон ба даст оварда шуда, хусусиятҳои физикӣ, сохтор, ҳаракат, парокандашавӣ ва нурафшонии онҳо бо дақиқии бештар таҳлил карда шаванд. Ин натиҷаҳо барои таҳияи таснифоти нави метеорҳо ва омӯзиши механизми пошхӯрии метеороидҳо дар атмосфераи Замин заминаи илмӣ фароҳам оварданд” [12, с. 28 - 55].

Бо мақсади омӯзиши ҳамаҷонибаи метеор ҳамчун падидаи нурафканӣ ва ионизатсионӣ, таҳти роҳбарии П. Б. Бобоҷонов усулҳои оптикӣ ва радиолокатсионии мушоҳида ба таври комплексӣ истифода шуданд. Ҷорӣ намудани мушоҳидаҳои радиолокатсионӣ имконият дод, ки метеорҳо новобаста аз шароити обу ҳаво ва вақти шабонарӯзӣ ба қайд гирифта шуда, маълумоти васеъ оид ба баландӣ, суръат, радиант ва мадори онҳо ҷамъоварӣ гардад. Дар ин замина комплексҳои таҷҳизотии “МИР- 1” ва “МИР -2” бо истифодаи воситаҳои ҳисоббарорӣ барои автоматиконии мушоҳида ва коркарди натиҷаҳо татбиқ гардиданд. Ин тадбирҳо барои ба даст овардани маҷмуи бузурги маълумоти оморӣ ва рушди усулҳои муосири метеоршиносӣ мусоидат намуданд.

Самти дигари муҳими таҳқиқоти П. Б. Бобоҷонов омӯзиши ионосфера ва физикаи атмосфераи Замин мебошад. Дар расадхонаи Ҳисор бо ташаббуси ӯ таҷҳизоти махсуси радиофизикӣ барои омӯзиши қабатҳои гуногуни атмосфера ва ионосфера ба истифода дода шуд. Таҳқиқоти муштарак бо шогирдон имконият фароҳам оварданд, ки робитаи байни равандҳои метеорӣ, ионосфера, таъсири Офтоб ва баъзе равандҳои сейсмикӣ мавриди таҳлил қарор гиранд. Дар ин замина як қатор параметрҳои физикӣ ва нишондиҳандаҳои тағйирёбии қабати E - и ионосфера пешниҳод ва таҳқиқ шуданд, ки барои омӯзиши робитаи байни равандҳои атмосфера ва фаъолияти сейсмикӣ аҳаммияти назариявӣ доштанд.

“Дар солҳои 1960 – 1970 фаъолияти илмии П. Б Бобоҷонов хусусияти байналмилалӣ касб намуд. Ӯ ба экспедитсияи экваториалии Иттиҳоди Шуравӣ дар Африқо роҳбарӣ намуда, дар доираи он мушоҳидаҳои метеорӣ, ионосферӣ ва омӯзиши изҳои метеориро анҷом дод. Гузаронидани мушоҳидаҳои синхронӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ имконият дод, ки хусусиятҳои паҳншавии моддаи метеорӣ, қонуниятҳои атмосфера дар баландиҳои метеорӣ ва ҷойгиршавии радиантҳои метеорӣ таҳқиқ карда шаванд. Натиҷаҳои бадастомада дар ташаккули тасаввуроти илмӣ оид ба тақсимшавии моддаи метеорӣ дар фазои наздизаминии кайҳонӣ аҳаммияти муҳим доштанд”[1, с. 73].

Дар соли 1970 П. Б. Бобоҷонов рисолаи доктории худро зери унвони “Таҳқиқи ҳодисаҳои метеорӣ дар асоси аксбардорӣ” дар Донишгоҳи давлатии Москва ҳимоя намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти бисёрсолаи метеориро ҷамбаст кард. Дар асоси мушоҳидаҳои фотографӣ, фаврӣ ва радиолокатсионӣ масъалаҳои робитаи нурафшонӣ ва ионизатсияи метеорҳо, муайян намудани мадорҳои селҳои метеорӣ ва таҳлили сохтори метеороидҳо таҳқиқ гардиданд. Ин таҳқиқотҳо барои рушди минбаъдаи астрономияи метеорӣ дар Тоҷикистон ва ташаккули мактаби илмии миллӣ заминаи муҳим фароҳам оварданд.

“Аз миёнаҳои солҳои 1970 – ум самти нави таҳқиқоти академик П. Б. Бобоҷонов ба омӯзиши эволюсияи селҳои метеороидӣ таҳти таъсири қувваҳои гравитатсионӣ ва ғайригравитатсионӣ равона гардид. Бо истифода аз усулҳои моделсозии математикӣ таҳаввули мадори кометаҳо, астероидҳо ва ҷисмҳои наздик ба Замин дар фосилаҳои дарози замонӣ омӯхта шуд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба ташаккули тасаввуроти нав оид ба сохтор ва динамикаи селҳои метеорӣ ва ҷисмҳои хурди системаи Офтобӣ, аз ҷумла астероидҳои гурӯҳҳои Аполлон, Амур ва Атон, муайян карда шуд”[4, 5, 6, 7, с. 312 - 15 - 114 - 91].

Яке аз натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти П. Б. Бобоҷонов ва шогирдони ӯ пешниҳод намудани фарзияи мавҷудияти робитаи генетикии қисми астероидҳои наздик ба Замин бо кометаҳои нобудшуда мебошад. Дар асоси таҳлили эволюсияи мадории астероидҳо ва муқоисаи параметрҳои онҳо бо селҳои метеорӣ як гурӯҳ объектҳои наздик ба Замин ҳамчун номзадҳои эҳтимолии ядроҳои кометаҳои нобудшуда муайян карда шуданд. Ин равиш барои омӯзиши пайдоиш ва таҳаввули ҷисмҳои хурди системаи Офтобӣ аҳаммияти назариявӣ дошта, имконияти ҷустуҷӯи робитаҳои нави генетикиро байни кометаҳо, астероидҳо ва метеороидҳо фароҳам овард.

Дар доираи ин самти таҳқиқот робитаи байни як қатор астероидҳои наздик ба Замин ва ҷараёнҳои метеорӣ таҳлил гардида, барои баъзе объектҳо радиант, суръат ва дигар параметрҳои назариявии ҷараёнҳои эҳтимолии метеорӣ ҳисоб карда шуданд. Аз ҷумла, таҳқиқоти объектҳои 2003EN1, 2007 CA19 ва 2015 TB 145 барои санҷиши фарзияи пайдоиши кометавии баъзе астероидҳои наздик ба Замин истифода гардиданд. Муқоисаи натиҷаҳои назариявӣ бо маълумоти мушоҳидавӣ имконият дод, ки робитаи эҳтимолии як қатор объектҳо бо ҷараёнҳои метеорӣ муайян карда шавад.

Таҳқиқоти болидҳо низ дар фаъолияти илмии П. Б. Бобоҷонов ҷойгоҳи муҳим доранд. Бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ дар Пажӯҳишгоҳи астрофизика шабакаи мушоҳидавии болидҳо ташкил гардида, дар якчанд нуқтаҳои ҷуғрофии Тоҷикистон мушоҳидаҳои ҳамоҳангшуда гузаронида шуданд. Дар натиҷаи ин мушоҳидаҳо маълумоти муҳим оид ба таректория, суръат, мадор, радиант, равшанӣ, масса ва хусусиятҳои физикии болидҳо ба даст омад. Ин маълумотҳо барои омӯзиши моддаи метеорӣ дар фазои наздизаминии Замин ва

муайян намудани робитаи байни болидҳо, метеоритҳо ва ҷисмҳои хурди системаи Офтобӣ аҳаммияти илмӣ доранд. [5, с. 15-20] .

Натиҷаҳои таҳқиқоти бисёрсолаи академик Пӯлод Бобоҷонов дар асарҳои илмӣ ва монографияҳои ӯ, аз ҷумла “Метеорҳо ва мушоҳидаҳои онҳо”, ҷамбаст гардида, ба доираи васеи ҷомеаи илмӣ пешниҳод шудаанд. Қисме аз натиҷаҳои бадастомада дар нашрияҳои байналмилалӣ интишор ёфта, ба фондҳои байналмилалии маълумоти астрономӣ ворид гардидаанд. Аз ҷумла, маълумоти мадории метеорҳои аз мушоҳидаҳои солҳои гуногун бадастомада ба хазинаи Маркази байналмилалии метеорҳо дохил карда шудааст.

Фаъолияти илмӣ – таҳқиқотии академик Пӯлод Бобоҷонов бо фарогирии метеорҳо, метеороидҳо, болидҳо, кометаҳо, астероидҳо, ионосфера ва объектҳои наздик ба Замин хусусияти комплексӣ дорад. Навоварии асосии фаъолияти ӯ дар пайвастшавии мушоҳидаҳои дақиқи астрономӣ, усулҳои радиолокатсионӣ ва телевизионӣ, моделсозии математикӣ ва таҳлили динамикии ҷисмҳои хурди системаи Офтобӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои ба даст овардаи ӯ ба рушди астрономияи метеорӣ, ташаккули мактаби илмии астрофизикаи Тоҷикистон, омода намудани кадрҳои баландихтисос ва ворид гардидани натиҷаҳои таҳқиқоти олимони тоҷик ба низоми байналмилалии маълумоти астрономӣ мусоидат намудаанд.

ХУЛОСА

1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар охир ба таври хулосавӣ ҷамъбаст гардидаанд.Ҳангоми омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, ки ба ҳаёт ва фаъолияти академик Пӯлод Бобоҷонов ва ташаккули илми астрономии Тоҷикистон алоқамандӣ дорад, мақсаду вазифаҳои асосии пажӯҳишро ҳаматарафа иникос кардааст.

Қобили зикр аст, ки бори нахуст дар таърихи таҳқиқоти илмӣ ва техникӣ масъалаи саҳми Пӯлод Бобоҷонов дар рушду такомули илми астрономияи Тоҷикистон ба таври мукаммал мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Пӯлод Бобоҷонов яке аз астрофизикони маъруфи назариявии даврони Шуравӣ ва пасоШуравӣ ба шумор рафта, фаъолияти илмӣ, педагогӣ ва ҷамъиятии ӯ намунаи барҷастаи саҳми фарзандони миллати тоҷик дар пешрафти илм ва фарҳанги кишвар мебошад. Фаъолияти бисёрсолаи илмии ватанӣ бо дарназардошти хусусиятҳо ва имкониятҳои илмии минтақа равона гардида буд. Мавсуф дар давраи фаъолияташ солҳои зиёд дар маъмурияти АМИТ, аз он ҷумла, дар вазифаи ноиби Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) кор карда, дар пешбурд ва рушди илмҳои академии мамлакат саҳми арзишманди худро гузоштааст [3-М; 1-М; 4-М].

Пӯлод Бобоҷонов дар таҳқиқ ва рушди соҳаҳои физика, астрономия, астрофизика ва дигар самтҳои кайҳонӣ саҳми арзанда гузоштааст. Натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва мероси илмию таърихии ӯ барои таҳкими

заминаҳои илмии кишвар ва рушди минъбадаи илмҳои астрономӣ аҳаммияти муҳим дошта, омӯзиши онҳо метавонад барои наслҳои минбаъдаи муҳаққиқон ҳамчун сарчашмаи арзишманди илмӣ хизмат намояд.

Инкишофёбӣ ва комёбиҳои олим дар ҳудуди мактаби олии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба амал омада, дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат ташаккул ёфтааст. Пӯлод Бобоҷонов яке аз пажӯҳишгарони нотакрори соҳаи астрономия бо дастовардҳои худ исбот кард, ки ҳаётро ҳамеша бояд зери итоати худ қарор дод. Ӯро дар фазои илмии мамлакат ва ҷаҳон ҳамчун таҷассумкунандаи илмҳои кайҳонӣ, созандаи таърихи илм ва соҳибахлоқу соҳибмактаб мешинохтанд.

Хулосаҳои баровардашударо, ки дар раванди таҳқиқ муайян карда шудаанд, дар шакли зерин ҷамъбаст намудан мумкин аст.

1. Арбоби илм ва ташкилотчии илмӣ, академик Пӯлод Бобоҷонович Бобоҷонов яке аз чеҳраҳои намоёни илми тоҷик маҳсуб меёбад. Вай бо нерӯи баланди хастанопазир фаъолияти фаъолонаи илмӣ, ҷамъиятӣ ва роҳбарӣ кардааст. Ӯ роҳбарии яке аз калонтарин муассисаи илмии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон солҳои 1971-1982)-ро бар души худ гирифта, дар авҷи салоҳият, эҷод кардан ва маҳорати роҳбарикунӣ ва ташкилотчигӣ ба вай имкон дод, ки ғояҳои зиёдеро ба ҳаёти ҷомеа татбиқ намуда, кулли коллективи муассисаро бо маҳорати баланди инсондӯстӣ, муҳаққиқи илмӣ ва роҳбари кордону ботаҷриба дар гирдаш муттаҳид созад [1-М; 5-М].

2. Таҷрибае, ки Пӯлод Бобоҷонов дар давраи фаъолияти кориаш ба даст овардааст, метавон гуфт, ки ӯ яке аз донишмандони давраи Тоҷикистони навин мебошад, ки ба рушди илмҳои бунёдӣ саҳм гузоштааст. Фаъолияти роҳбарии ӯ дар Институти астрофизикаи назди АМИТ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ташаббусҳои созанда ва сиёсати самараноки идоракунӣ ба пешрафти илмму таҳсилоти мамлакат заминаи мусоид фароҳам овард ва низоми илмӣ ва таълимиро ба сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқ намуд [1-М; 4-М; 5-М].

3. Вай фаъолияти илмиашро ҳангоми таҳсил дар зинаи аспирантураи Институти физикаю техникаи ба номи академик А. Ф. Иоффеи Ленинград оғоз бахшида, баъдан, масъулияти гуногуни роҳбариро ҷиҳати анҷом додани корҳои илмӣ бар душ дошт. Доир ба фаъолияти серҷабҳа ва ҳаёти рангоранги Пӯлод Бобоҷонов, ки ба ҳайси омӯзгор, ходими илмӣ, хизматчии давлатию ҷамъиятӣ ва ташаккулдиҳандаи соҳаи маорифи мамлакат ба таври мухтасар баён кардан ғайри имкон мебошад. Хизматҳои Пӯлод Бобоҷонович Бобоҷоновро дар назди халқ ва таҳқиқоти ӯро оид ба як қатор проблемаҳои илми афлокшиносӣ ба назар гирифта, дар соли 1971 ӯро ба ҳайси ректори Донишгоҳи давлатии

Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) пешбарӣ карданд [1-М; 2-М; 3-М; 4-М 5-М].

Пӯлод Бобоҷонов ҳангоми фаъолият ва роҳбарии худ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) бобати пешрафт ва ташаккули илмҳои бунёдӣ диққати махсус медод ва ҷиҳати омода намудани кадрҳои соҳибтахассус дар бахшҳои математика, химия, физика ва дар маҷмӯъ илмҳои табиатшиносӣ имкониятҳои беҳтаринро барои таълим ва иҷроиши корҳои илмӣ созгор додааст. Бо ташаббуси ӯ заминаҳои зарурӣ барои такмили ихтисос ва идомаи таҳсилу фаъолияти илмии ҷавонон ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва марказҳои илмии хориҷӣ муҳайё гардиданд [1-М; 2-М; 3-М; 4-М].

Бо мақсади тавсеа ва таҳкими илмҳои физикаву математика, тарбияи кадрҳои илмии ҷавон ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии донишгоҳ зарурати густариши робитаҳои илмӣ бо донишгоҳҳо ва марказҳои бонуфузи илмии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба миён омад. Тавассути дастгириҳои ҳамаҷонибаи илмӣ ва ташаббусҳои созандаи вай як гурӯҳ аспирантон, донишҷӯён ва омӯзгорон бобати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, идомаи таҳсил ва дигар масъалаҳои марбут ба раванди таълим, ба шаҳрҳои калони Иттиҳоди Шуравӣ, аз он ҷумла, Москва, Ленинград, Киев ва шаҳрҳои дигар фиристода мешуданд [2-М; 5-М].

Шогирдон ва ҳамкорони ӯ дар хотираҳо ва ёддоштҳои хеш нақши созанда ва муносибати ғамхоронаи Пӯлод Бобоҷонович Бобоҷоновро нисбат ба тарбияи кадрҳои ҷавон бо некӣ ёдовар шудаанд.

Ҳамин тавр, бо корбарӣ ва роҳнамоии бевоситаи Пӯлод Бобоҷонов бобати омода намудани мутахассисони соҳибкасб, дар асоси Барномаи омодасозии кадрҳои сатҳи баланди илмӣ, хусусан, дар бахшҳои математика, физика ва астрономия нафарони лаёқатманд ҷиҳати такмили ихтисос ва таҳсил дар зинаи аспирантура ба марказҳои бузурги илмии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ равон карда мешуданд. Дар натиҷаи ин тадбирҳо иқтидори кадрии донишгоҳ тадриҷан тақвият ёфта, то охири давраи роҳбарии ӯ ба сатҳи назаррас расонида шуд.

Дар баробари пешрафти бомуваффақияти онҳо дар донишгоҳ кафедраи астрономия кушода, мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд.

Академик Пӯлод Бобоҷонов раванди таърихдонӣ, худшиносӣ ва омӯхтани таърихи халқи хешро дарк намуда, бо ибтикори хеш ва устодони таърихшинос, декабри 1974 дар Донишгоҳ кафедраи таърихи халқи тоҷикро созмон дод. Воқеан, ин кафедра яке аз марказҳои неруманди илми таърихшиносӣ дар Тоҷикистон аст. Инчунин, бо назардошти афзоиши тадқиқоти илмию амалӣ, соли 1973 дар Донишгоҳ шуъбаи илмӣ - тадқиқотӣ созмон ёфт. Академик Пӯлод Бобоҷонов ҳамчун кашшофи асрори кайҳон дар 20 ҷаласаву конференсияҳо,

сессияву симпозиумҳо ва машваратҳои байналмилалии хориҷ аз ИДМ, ки дар Австралия, Британия, Италия, Фаронса, Шветсия, Чехия, Словакия, Юнон, Югославия, Ҷумҳурии Федералии Олмон, ИМА, Канада, Эрон, Ироқ, Ҷумҳурии Сомалӣ, Ҳиндустон ва Ҷопон доир ба ҳаллу фасли паҳлуҳои гуногуни илми астрофизика баргузор гардида буд, иштирок намуда, кашфиёти хешро ба тариқи маърӯза ба оламиён баён кардааст.

2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Бо дарназардошти аҳаммияти мероси илмӣ ва эҷодии академик Пӯлод Бобоҷонов, ҷиҳати омӯзиши минбаъда, таҳқиқи ҳамаҷониба ва муаррифии арзиши илмии он амалӣ намудани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Дастовардҳои илмии академик Пӯлод Бобоҷонов доир ба рушди илму маориф, масъалаҳои муҳими соҳаи таҳқиқоти илмии ӯ ва саҳмаш дар пешрафти илм дар раванди таълими курсҳои махсус, фанҳои тахассусӣ ва семинарҳои илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ васеъ истифода карда шавад;

2. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи милии илмҳои Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, ки ҷиҳати қадрдонӣ намудан ба хизматҳои шоён ва арзандаи академик Пӯлод Бобоҷонов бо номи вай номгузорӣ кардани яке аз муассисаҳои илмӣ, таълимӣ ва ё кучаҳои шаҳр мавриди омӯзиш ва мусоидат қарор дода шавад;

3. Ба Ҳукумати мамлакат, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, ки бобати ба номи академик Пӯлод Бобоҷонов таъсис додани стипендия барои донишҷӯён, магистрантон, докторантон ва олимони ҷавоне, ки дар бахши илмҳои табиӣ - риёзӣ корҳои назаррас анҷом медиҳанд, чораандешӣ намуда, ҷиҳати таъсиси он мусоидат намоянд;

4. Бобати арҷгузорӣ ва кушода намудани паҳлуҳои дигари фаъолияти илмии Пӯлод Бобоҷонов ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар назди ягон муассисаи таҳсилоти олӣ мактаби Пӯлодшиносӣ таъсис ёфта, дар он муҳаққиқони ҷавон ба пажӯҳиш ҷалб карда мешуданд.

5. Асарҳои илмӣ, мақолаҳо, дастуру васоитҳои таълимӣ ва дигар натиҷаҳои илмии академик Пӯлод Бобоҷонов ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва дар шакли маҷмуаҳои алоҳида нашр карда шуда, барои истифодаи муҳаққиқон, омӯзгорон ва донишҷӯён дастрас гардонида шаванд;

6. Нақш ва саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар рушди илм ва тайёр намудани кадрҳои илмӣ дар барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бештар инъикос ёбад, то насли ҷавон аз фаъолияти пурсамари ӯ огоҳии бештар пайдо намояд;

7. Таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба ҳаёт, фаъолият ва мероси илмӣ-педагогии академик П. Б. Бобоҷонов идома дода шуда, натиҷаҳои онҳо барои рушди таърихи илм ва маорифи Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ИЛМӢ

I.Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Раҳматова Р. Б.Академик П. Б. Бобоҷонов ва саҳми он дар рушди илми астрономияи Тоҷикистон./ Х. Ю. Бобоев, Р. Б. Раҳматова, С. Қ., Исоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ. Душанбе. 2021. №6. С . 75-81.

[2-М]. Раҳматова Р. Б.Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар омода намудани мутахассисони баландихтисоси илмӣ ва таҳкими базаҳои моддӣ-техникии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 1971-1982./ Р. Б. Раҳматова. // «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ. 2022. №6 (101).

[3-М]. Раҳматова Р. Б.Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар эҳё ва рушди илми ситорашиносии тоҷик. / Р. Б. Раҳматова // Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Муаррих» - и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ. 2023. №2(34) С.124-129.

[4-М]. Раҳматова Р. Б.Академик П. Б. Бобоҷонов ва саҳми ӯ дар ташаккул ва рушди астрономияи тоҷик. / Р. Б. Раҳматова, С. Қ. Исоев // Паёми ДДК ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ. 2023. № 4 (33). С.160-169.

[5-М]. Раҳматова Р. Б.Академик Пӯлод Бобоҷонов ва Институти астрофизикаи назди АМИТ./ Х. Ю. Бобоев, Р. Б. Раҳматова // Паёми ДДК ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ. 2026. № 1(42). С.41-47.

[6-М].Раҳматова Р. Б.Саҳми академик Пӯлод Бобоҷонов дар рушди астрономияи метеорӣ ва таҳқиқи ҷисмҳои хурди Системаи Офтобӣ. / Р. Б. Раҳматова // Паёми ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ.2026. №4 (45)

II. Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ ба табърасида:

[7-М]. **Раҳматова Р. Б.** Расадхонаҳои астрономии Тоҷикистон ва саҳми олимони тоҷик дар таҳқиқи кайҳон.[Матн] Р. Б. Раҳматова // Конференсияи илмӣ – амали ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Захираҳои обӣ-энергетикӣ: ҳолат ва дурнамои истифодаи самараноки он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 ва рӯзи энергетикҳо.- Кӯлоб, 2022. с. (22 декабри соли 2022 ДТМИК);

[8-М]. **Раҳматова Р. Б.** Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар рушди илми астрономияи тоҷик ва базаҳои мушоҳидавии замонавӣ. [Матн] Р. Б. Раҳматова // Конференсияи донишгоҳии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Нимноқилҳо маводи асосии электроника. - Кӯлоб, 2022. с. (26 декабри соли 2022).

[9-М]. **Раҳматова Р. Б.** Нақши институти астрофизикаи АМИТ дар рушди илми астрономия. [Матн] Р. Б. Раҳматова // Конференсияи илмӣ - амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Равишҳои муосир ба азхудкунии муштараки технологияҳо ва имкониятҳои фазои кайҳонӣ дар таъмини рушди технологӣ, инноватсионӣ ва рақамикунонии истеҳсолот дар ҳошияи амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат» бахшида ба 20- солаи омӯзиш ва

рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ барои солҳои 2020-2040. .- Кӯлоб, 2023. с.52-57. (22-23 декабри соли 2023)

[10-М]. **Раҳматова Р. Б.** Нақши Пӯлод Бобоҷонов дар муаррифии илми тоҷик [Матн] Р. Б. Раҳматова // Маводи конференсияи илмӣ - амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди тафаккури техникӣ, экологӣ ва неруи зеҳнӣ дар ташаккул ва пешрафти соҳаҳои гуногуни саноати кишварҳо», бахшида ба эълон намудани солҳои 2022 - 2026 ҳамчун солҳои рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20 - солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ барои солҳои 2020-2040. .- Кӯлоб, 2024. с.299 - 302. (25 - 26 октябри соли 2024).

[11-М]. **Раҳматова Р. Б**. Таърихи астрофизика ва мушоҳидаҳои астрономӣ дар расадхонаҳои астрономии Тоҷикистон. [Матн] / Р. Б. Раҳматова., Х. Ю. Бобоев // Маводи конференсияи VIIбайналмилалии илмӣ-назарияви дар мавзуи «Асосҳои физикӣ - кимиёвии ҳосил кардан ва омӯзиши хосиятҳои комплексии масолеҳҳои нимноқилӣ, композитсионӣ ва диэлектрикӣ» бахшида ба 80 - солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 85 - солагии хотираи академик, доктори илмҳои химия, профессор Каримов Самариддин Каримович. - Кӯлоб, 2024. с. 543-549.

[12-М]. **Раҳматова Р. Б**., Исоев С. Қ. Фаъолияти омӯзгорӣ ва ташкилотчигии академик Бобоҷонов П. Б. [Матн] Р. Б. Раҳматова, С. Қ. Исоев // Маводи конференсияи VII - уми байналмилалии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Асосҳои физикӣ - кимиёвии ҳосил кардан ва омӯзиши хосиятҳои комплексии масолеҳҳои нимноқилӣ, композитсионӣ ва диэлектрикӣ». Бахшида ба 80-солагии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 85 - солагии хотираи академик, доктори илмхои химия, профессор Каримов Самариддин Каримович. - Кӯлоб, 2024. с. 549-553.

[13-М]. **Раҳматова Р. Б.** Саҳми Академик П. Б. Бобоҷонов дар омода намудани мугахассисони соҳавӣ ва таҳқими базаи моддӣ – техникии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар даврони шуравӣ. [Матн] Р. Б. Раҳматова. // Конференсияи илмӣ – назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ дар соли 2020 бахшида ба 30 - солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (солҳои2020-2040). - Кӯлоб, 2021. с

[14-М]. **Раҳматова Р. Б.** Расадхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми олимони тоҷик дар таҳқиқи кайҳон. [Матн] Р. Б. Раҳматова // Конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Талаботи замони муосир ба қобилиятҳои педагогӣ - психологии омӯзгор».). - Кӯлоб, 2023. с.

[15-М]. **Раҳматова Р. Б.** Нақши институти астрофизикаи АМИТ дар рушди илми астрономия. [Матн] Р. Б. Раҳматова. // Конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ дар соли 2024 бахшида ба гиромидошти «Рӯзи илми тоҷик», эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат». «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (солҳои 2020-2040) ва соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ»). - Кӯлоб, 2023. с. (8 - 13 апрели соли2024.)

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ КУЛЯБСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХА РУДАКИ»

УДК 001(092) +52 (575.3)

ББК 71:22.6 (2 тоҷик)

Р-43

На правах рукописи

РАХМАТОВА РАХИЁНГУЛ БАДАРГАЕВНА

ВКЛАД АКАДЕМИКА П. Б. БАБАДЖАНОВА В РАЗВИТИЕ АСТРОНОМИЧЕСКОЙ НАУКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание учёной степени кандидата исторических наук по специальности 6.1.7. История науки

Куляб – 2026

Диссертация выполнена на кафедре общей и теоретической физики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки

Научный руководитель:	**Бобоев Хаёл Юлдошович** – доктор исторических наук, главный научный сотрудник отдела истории науки и техники Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониш НАНТ
Официальные оппоненты:	**Комили Абдулхай Шарифзода** – доктор физико-математических наук, профессор кафедры методики преподавания физики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. **Исмоилов Ёдгор Хафизович** – кандидат исторических наук, заведующий кафедрой методики преподавания истории и права Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.
Ведущая организация:	**Таджикский национальный университет.**

Защита диссертации состоится 22 декабря 2026 года в 13:00 на заседании диссертационного совета 6D.KOA–129 при Институте истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана (www.institute-history.tj).

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке имени Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33), а также на официальном сайте Института истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана (www.institute-history.tj).

Автореферат разослан «___» _____ 2026 года

Ученый секретарь
диссертационного совета,
доктор исторических наук **Кабилова Б. Т.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Наука двигает вперед все стороны жизни общества – от экономики и технологий до культуры. Именно поэтому так важно изучать, как она зарождалась и развивалась. Не менее ценно всматриваться в судьбы выдающихся исследователей: их труды, преподавательский талант, организаторские способности. Такой взгляд помогает понять, какой вклад каждый из них внес в создание научных школ, появление новых направлений и воспитание будущих специалистов, а в итоге – в укрепление страны.

Знакомство с наследием отечественных ученых показывает живую историю науки: как формировались целые отрасли, какую роль в этом играли университеты и институты и какое значение личный вклад исследователей имел для всей национальной науки. В этой связи исследование жизненного и творческого пути выдающихся учёных Таджикистана, определение их роли и места в истории отечественной науки представляет собой одну из значимых задач историко-научных исследований.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон, выступая перед представителями научного и образовательного сообщества страны, подчеркнул: «Правительство Республики Таджикистан считает науку одним из основных факторов развития страны, а ученых-огромным интеллектуальным ресурсом общества, и создала все условия для ее всестороннего развития и улучшения социальных условий труда работников в области науки» [17].

Потому что в современном мире страны могут сохранять свое существование и развиваться только в том случае, если их граждане обладают высоким уровнем грамотности, образования и культуры, любят науку, обладают знаниями и навыками.

В становлении и развитии естественных и математических наук Таджикистана важную роль сыграли учёные, чьи исследования способствовали развитию физики, математики и астрономии. Среди них особое место принадлежит академику Пуладу Бабаджановичу Бабаджанову, одному из выдающихся представителей таджикской астрономической и астрофизической науки. Основные направления его научных изысканий охватывают изучение комет, астероидов, малых планет Солнечной системы, кометных излучений и других вопросов астрономии. Помимо научных изысканий, он много времени отдавал преподаванию, воспитанию толковых специалистов и укреплению научного потенциала республики.

Обращение к жизни и трудам П. Б. Бабаджанова помогает понять, как зарождалась и крепла таджикская астрономия и астрофизика. Важно увидеть его личную роль в работе институтов, в подготовке новых ученых и в налаживании научных связей с другими республиками бывшего Союза. Путь ученого пришелся на разные эпохи нашей науки, и если проследить его шаг за шагом, становится видно, как менялись темы астрономических поисков и какую роль в этом играла наука на местах.

Нужность отдельного разговора о научной судьбе П. Б. Бабаджанова диктуется простой вещью: его реальный след в рождении таджикской астрономии и астрофизики, в выстраивании базы для космических поисков, в подъеме Института астрофизики, в воспитании ученых и завязывании научных связей до сих пор не был собран в единую, объемную картину в исторических трудах. Возврат к его имени и архивам позволяет залатать явные дыры в истории таджикских точных наук и четко понять, какое место вообще занимала наша астрономия на карте тогдашней большой науки.

Вес того, что сделал П. Бабаджанов для физики, математики и астрономии, виден по тому, как к его трудам не угасает интерес. И пусть о его заслугах уже вспоминали в статьях и монографиях, его цельный путь – с научными поисками, лекциями, управленческими баталиями и общественной работой – никогда прежде не становился предметом глубокого, системного историко-научного исследования, которое охватило бы все ключевые витки его биографии.

Почему эта тема важна и почему к ней нужно подойти с научной меркой – на то есть целый ряд веских причин.

Во - первых, Пулад Бабаджанов по праву стоит в ряду тех редких для Таджикистана ученых и государственных мужей, чье интеллектуальное наследие масштабно и бесценно. Его глубокие работы, патенты и прикладные идеи давно признаны мировым сообществом и работают на практике, двигая вперед технологии. Сложно переоценить то, что он сделал для зарождения и подъема отечественной астрономии и космологии, для перестройки работы исследовательских институтов и открытия целых научных лабораторий. Плюс ко всему, огромную часть своего времени он отдавал взращиванию новых специалистов – причем как дома, в республике, так и далеко за ее пределами.

Именно поэтому погружение в его биографию, в его профессиональные и общественные дела открывает массу интересного: это шанс вытащить на свет и показать миру доселе скрытые грани его творческого пути. Да, о нем уже писали – книги выпускали родные, статьи публиковали коллеги, о нем хорошо знают и наши, и зарубежные

авторы. И тем не менее, самые разные пласты его научной, преподавательской и общественной жизни до сих пор оставались в тени, не дождавшись глубокого и всестороннего разбора.

Во - вторых, вся жизнь и становление П. Б. Бабаджанова как крупного ученого прошли на фоне советской эпохи – времени, когда в Таджикистане только - только закладывался фундамент для первых институтов и университетов. Начало профессиональной деятельности ученого совпало со становлением всей республиканской школы астрономии, во многом определив траекторию ее дальнейшего роста. Его авторству принадлежат первые базовые учебники по астрономии на таджикском языке, что решило проблему профильного преподавания. При этом масштабы его изысканий вышли далеко за национальные рамки, получив признание в мировом научном сообществе.

В - третьих, значительный этап биографии ученого отмечен его деятельностью на посту директора Института астрофизики АН Таджикской ССР, ознаменованной качественным подъемом всей академической инфраструктуры. Рассматривая этапы его профессионального пути, следует выделить личный вклад в реорганизацию университетской подготовки и техническое переоснащение лабораторий. Отдельным направлением его работы стало укрепление позиций самого института, по сей день сохраняющего статус ведущего научного учреждения Национальной академии наук Республики Таджикистан.

В - четвертых, теоретические изыскания Бабаджанова опирались на строгий математический аппарат и фундаментальные принципы физики, что позволило ему сформировать самостоятельную исследовательскую школу, качественно изменившую уровень отечественной астрономии. Его публикации разных лет сохраняют актуальность и практическую значимость, а накопленный научный багаж служит прочной базой для решения теоретических задач в сфере государственного строительства, развития академической науки и модернизации системы высшего образования.

Пятый ключевой аспект состоит в объективной ценности наследия П. Б. Бабаджанова для историографии астрономической науки, где его теоретические и прикладные результаты занимают самостоятельное место. Методологической основной исследования является комплекс методов, способствующих выявлению и реконструкции важных этапов формирования личности, лидерской деятельности и его роди как опытного, дальновидного, гуманистического ученого и создателя научной системы Пулада Бабаджанова.

В этой связи важность выбора данной темы обусловлена социальными потребностями общества, и мы считаем приоритетным углубиться в историю, изучить истоки отечественной науки с точки зрения ученого, исследователя и общественного деятеля Пулада Бабаджанова и рекомендовать ее для использования будущими поколениями.

Одновременно с этим, важным фактором при выборе темы исследования является также проблема развития науки и образования в современных условиях.

Степень изученности исследуемой темы. Хотя некоторые аспекты жизни и деятельности академика П. Б. Бабаджанова нашли отражение в работах его современников, коллег и учеников, до настоящего времени, ввиду важности выбранного им образа жизни, его научно-исследовательская и общественная деятельность не являлись предметом специального научного исследования. Следует отметить, что педагогическая, научная и общественная деятельность академика П. Б. Бабаджанова нашли отражение в работах его современников, коллег и учеников, до настоящего времени, ввиду важности выбранного им образа жизни, его научно-исследовательская и общественная деятельность не являлись предметом специального научного исследования. Следует отметить, что педагогическая, научная и общественная деятельности академика П. Б. Бабаджанова нашла отражение в статьях периодических изданий, сборниках статей и материалах научных конференций.

Многие ученые, в том числе Н. Т. Ходжазода, У. Мирсаидов, Далер Почоджонов, Фозил Тохиров, Кароматулло Олимов, Мансур Бобохонов, Абдулоджон Орифов, Обид Олимов, Мухаббат Абдурахмонова, Н. Абдуллоев, Хайринисо Расули, Г. Кохирова и другие, написали и опубликовали свои воспоминания о Пуладе Бабаджанове.

Научная и общественная деятельность Пулада Бабаджанова в Таджикистане и других республиках бывшего Советского Союза является примером научно-культурного сотрудничества между братскими народами в развитии науки и культуры. Основная деятельность П. Б. Бабаджанова тесно связана с формированием и развитием научной среды, просвещением населения и научными исследованиями в Таджикистане и республиках бывшего Советского Союза, что способствовало укреплению научного сотрудничества и прогрессу в области астрономии и космической науки.

П. Б. Бабаджанов был занят государственными и общественными делами, оставаясь при этом выдающимся ученым, педагогом и искренним человеком. Он принадлежал к первому поколению центральноазиатских ученых, которым было поручено заложить основы развития науки и системы высшего образования в Таджикистане. Выдающиеся научные способности П. Б. Бабаджанова сочетались с исключительными организаторскими способностями. Рассматривается наиболее плодотворная деятельность П. Б. Бабаджанова в качестве ректора Таджикского государственного университета имени В. И. Ленина (ныне Таджикский национальный университет) (1971 - 1982) и его огромный вклад в развитие астрономической науки в нашей республике. При непосредственном участии и под руководством П. Б. Бабаджанова был опубликован ряд научных публикаций Академии наук. В связи с этим литературу по данной теме, используемую в исследованиях, можно разделить на следующие группы:

